Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

7 маи соли 2003. Чоршанбе № 34 (12877)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.00 имзо гардид.

Мулоқоти тошкандии президентҳо

Президентҳои Гурҷистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки ба мамлакати мо барои иштирок ба маҷлиси ҳарсолаи Шӯрои коргузорони Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо омадааанд, 4 май бо Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов вохӯрданд.

Гуфтушунидҳои серҷонибаи Ислом Каримов бо Эдуард Шеварднадзе, Нурсултон Назарбоев, Эмомалӣ Раҳмонов ва Аскар Акаев ба амал омаданд. Ҳини гуфтушунидҳо масъалаҳои алоқаманди ҳамкорӣ байни мамлакатҳо, аз он ҷумла вусъати минбаъдаи равобити тиҷоратию иқтисодӣ, равандҳое, ки дар доираи ИДМ ба амал меоянд, баркарор кардани Афғонистон ва Ироқ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳини мулоқот бо паёмнигорон президентҳо фикру мулоҳизаҳои худро оиди саммити БТТУ, ки дар мамлакати мо ба амал меояд, баён сохтанд.

Ислом Каримов махсусан зикр намуд, ки саммити тошкандии БТТУ ин воқеаи таърихӣ натанҳо барои Ӯзбекистон, балки ҳаёти тамоми мамолики Осиёи Марказӣ мебошад.

Ислом Каримов дар ин бобат изҳори боварӣ намуд, ки анҷумани байналхалқии Тошканд ба афзудани ҳаҷми сармояҳое, ки натанҳо барои Ӯзбекистон, балки тамоми Осиёи Марказӣ гузошта мешаванд, суръатфизоии минбаъдаи раванди ҳамгарой дар минтақа ва бар асари он ба пешрафти иқтисодии мамолики Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Сарварони Гурҷистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳамчунин зикр намуданд, ки анҷумани мазкур воқеаи таърихӣ дар ҳаёти минтақа мебошад. Президентҳо махсусан зикр намуданд, ки дар Ӯзбекистон доир гардидани чунин тадбири калонмиқёс натиҷаи дар мамлакат гузарондани ислоҳот мебошаду дар ин бобат хизмати Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов хеле калон аст. Онҳо дар ин бобат изҳори боварӣ карданд, ки анҷумани Тошканд барои вусъат ёфтани ҳамкорӣ байни мамлакатҳои минтақа, таҳкими коммуникатсияҳои наклиётӣ, аз он ҷумла равобит дар доираи барномаи ТРАСЕКА аҳамияти калон касб мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки пешрафти иқтисодӣ натанҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар мамолики Қафқоз, аз он ҷумла Гурҷистон таъмин карда мешавад.

Худи ҳамон рӯз гуфтушунидҳои рӯ ба рӯи сарвари мамлакатамон бо президентҳои Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон ба амал омаданд.

Дар рафти гуфтушунидҳо президентҳо оид ба масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаву серҷониба, вусъати минбаъдаи равобити тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангӣ байни мамлакатҳоямон, муборизаи муштарак ба муқобили чунин иллатҳо, аз қабили терроризми байналхалқӣ, қочоқи моддаҳои нашъамандӣ, таассуби динӣ мубодилаи афкор намуданд.

(ЎзА).

Анҷумани Тошканд:

Мақсадҳо ва саъю кӯшиши мо — муштарак

Суханронии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар кушоиши мутантани маҷлиси ҳарсолаи Шӯрои коргузорони БТТУ

Мӯҳтарам ҷаноби Президенти Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо!

Мӯҳтарама хонум Раиси Шӯрои коргузорон!

Мӯҳтарам коргузорон!

Мӯҳтарам сарони давлатҳо!

Хонумон ва ҷанобон!

Шумоёнро хайрамақдам гуфтан ва баён кардани ҳисси эҳтироми баландам нисбати шумоён— иштирокдорони маҷлиси ҳарсолаи Шӯрои коргузорони Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Ҳамчунин хайрамақдам гуфтан ва баён кардани ҳисси миннатдории саминона ба ҳамкасбонам—президентҳои давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, Президенти Гурҷистон Э.А.Шеварднадзе, сарони ҳукуматҳо, сарварони бонкҳои марказӣ, намояндагони муассисоти номдори байналхалқии сиёсӣ ва молиявӣ, банкирон ва корчаллонон, ки дар ин ҷо ҳузур доранд ва ба камчинии вақташон нигоҳ накарда, имконияти дар анҷумани мазкур иштирок карданро фароҳам ованданд, ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Дар Тошканд гузарондани чунин анҷумани баобрӯи молиявии байналхалқӣ натанҳо дар ҳаёти молиявию иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсии Ӯзбекистон, балки агар бигӯям, ки анҷумани мазкур нақши муҳимро дар рушди тамоми минтақаи доманадори Осиёи Марказӣ мебозад, ягон муболиғае намебуд.

Худи раванди тайёрӣ ба гузарондани маҷлиси ҳарсолаи Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо имконияти хубро ба он фароҳам овард, то ки бори дигар ба дарҷаи баланди касбӣ тамоми он чизе, ки дар Ӯзбекистон дар роҳи рушди демократӣ ва навсозии ҷамъият, ба вуҷуд овардани асосҳои иқтисодиёти озоди бозаргонӣ, ба рӯи об баровардани дигаргуниҳои сохторӣ ва барномаҳои сармоягузорӣ амалӣ ёфтааст, арзёбӣ гардад.

Ва он дар навбати аввал ин арзёбии мушаххасона оиди самараву натиҷанокии ҳамкории мо бо Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо мебошад.

Бояд аз ин минбари воло изҳор намоям, ки нақш ва аҳамияти Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо дар бобати дар Ӯзбекистон ба рӯи об баровардани ислоҳотҳо ва навсозии собиткадамонаи демократӣ ва иқтисодии мамлакат хеле бузург аст.

Ба ин ба фикрам, агар бо маводҳое, ки ба ҳукми тамоми иштирокдорони анҷумани мазкур пешкаш гардиданд, бо диққат назар афканед, боварӣ ҳосил кардан мумкин аст.

Солҳои охир бонки мазкур ба иқтисодиёти Ӯзбекистон беш аз 750 миллион доллар сармоя гузошт. Бо иштироки бевоситаи он чунин корхонаи муштараки калон оид ба истихроҷи тилло, аз қабили «Зарафшон Нюмонт», як қатор бонкҳо ва ширкатҳои лизингии муштарак созмон дода шуданд. Заводи азнавкоркарди нафти Фарғона ва нурхонаи алавии Сирдарё таҷдид гардида, майдони ҳавоии байналхалқии Тошканд эъмор гардида, як қатор дигар лоиҳаҳо ҷомаи амал пӯшиданд, ки аҳамияти калону устуворро барои рушди иқтисодиёти мамлакатамон касб менамоянд.

Барои рушди соҳибкории хурду миёна бонк хатҳои воморо ба андозаи 200 миллион доллар кушод. Дар айни замон сармояҳои бонк мехвари хуб гардид ва намунаи ибрат ба он гардид, то ки ба соҳаҳои бароямон муҳим, аз қабили молия захираҳои дигар сохторҳои байналхалқӣ ва сармоягузорон ба андозаи умумии беш аз 1,5 миллиард доллари ИМА ҷалб карда шаванд.

Фехристи лоиҳаҳои ба рӯи об бароварда ва обектҳои сохташударо давом додан мумкин аст. Вале ман мехостам дигар ҷониби ҳамкориамонро қайд намоям.

Тавассути сармояҳои худ бонк дар навсозии сохтор ва ислоҳсозии соҳаҳои иқтисодиёт, амиқ гардондани раванд ҳои хусусигардонӣ ва рушди сектори хусусӣ, ки он дар бобати дар мамлакатамон ба вуҷуд овардани синфи нав— синфи тадбиргарон муҳим мебошад, кӯмаки амалӣ мерасонад.

Ва чунин самтнокии принсипиалии ҳамкории мо бо Бонки Урупо пурра ба вазифаҳои муҳими ҷориву стратегие мувофиқ аст, ки Ӯзбекистон дар назди худ оид ба суръатфизоӣ ва амиқ гардондани ислоҳотҳои демократӣ ва бозаргонӣ, рушду таҳким бахшидани муассисоти шаҳрвандӣ гузоштааст.

Бо ичозати шумоён мехостам аз хусуси онҳо мухтасар ҳарф занам.

Панҷ усулияте,ки дар асоси он навсозии ҷамъият ва амалӣ гардондани ислоҳоти бозаргонӣ дар Ӯзбекистон аз давраи гузариш аз низоми тоталитарӣ ба вуҷуд овардани давлати демократии ҳуқуқбунёд ба рӯи об бароварда шуд, чунин буд:

иқтисодиёт бояд аз сиёсат болo истад; давлат ҳамчун ислоҳатгари асосӣ бошад; бартарӣ доштани қонуният дар ҳамаи дарҷаҳои идора ва хоҷагидорӣ; сиёсати пурзӯри ичтимоӣ; марҳала ба марҳала, бо дигар суханон гӯем, ҷиҳати эволютсионии ислоҳот ҳамаи ин усулиятҳоеанд, ки ҳанӯз соли 1992 эълон гардида буданд ва имрӯзҳо аҳамият ва умдагии худро аз даст намедиҳанд.

Дар айни замон ҳар як марҳилаи рушди собиткадамонаи давлат ва ҷамъият қабул кардани қонунҳои нав ба нав, ба рӯи об баровардани усулиятҳо ва талаботеро ба пеш мегузорад, ки ба шароити замонавии такмилдиҳии мамлакат ва иқтисодиёт пурра ҷавобгар мебошад.

Вазъиятро дар ин соҳаҳо мо аз нигоҳи танқиди арзёбӣ намуда, дар ин бобат боварӣ ҳосил кардем; сабаби асосие, ки пеш рафтани моро бозмедорад, ин нимкорагӣ дар бобати амалӣ гардондани ислоҳот мебошад. Яъне дигаргуниҳои оғозёфта то анҷоми мантиқиашон расонда намешавад. Ва он консерватизм, дар шуури мо мустаҳкам ҷойгир шудани қолабҳои кӯҳна,бюрократизме, ки дар низомамон ҳанӯз ҷонсахт аст, ин тайёр набудани кадрҳоямон, дар онҳо ба қадри кофӣ набудани таҷрибаву дониши зарурӣ мебошад.

Ду сол муқаддам мо дар Ӯзбекистон барномаи озодкунии ҳаёти сиёсӣ ва қонунофарӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ, судиву ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётро қабул кардем, ки миёнамӯҳлати дарозмӯҳлат буда, барои бомуваффақият ба рӯи об баровардани онҳо эътимоди калон дорем.

Агар бигӯем, ки маҳз дар натиҷаи дар мамлакат ба рӯи об баровардани ҷараёнҳои озодкунӣ комёбиҳо ба даст оварда, суръати мӯътадили устувори афзоиши маҳсулоти умумии дохила ба андозаи чор—панҷ фоиз, таҳкими инфрасохтори бозаргонӣ, муассисоти молиявӣ, бонкӣ ва ҳуқуқӣ, қабул гардидани усулиятҳо ва усулҳои принсипан нави хусусигардонӣ ва суръатфизоии рушди сектори хусусӣ, беҳдошти мувозанати нишондиҳандаҳои меҳиқтисодиёт ва нишондиҳандаҳои молиявӣ, қатъан кам кардани раванди беқурбшавии пул, ислоҳсозии бозори асъор ва озод гардондани қурби асъори миллӣ таъмин карда мешавад, ягон муболиғае намебуд.

Аз маврид истифода бурда мехостам изҳор кунам, ки соли 2002 амалан тамоми тавсияҳои дар барномаи мониторинги Бунёди асъори байналхалқӣ пешбинишуда ичро гардида, заминаи ниҳоят муҳимро ба вуҷуд овардааст ва уфуҳҳои навро барои рушди ҳамкории конструктивӣ ва ба имзо расондани моддаи VIII Бунёди асъори байналхалқӣ фароҳам меорад.

Ҳамаи он бори дигар дар гуфтугузорҳое, ки 1 маи соли ҷорӣ бо ҳайати вакилони Бунёди асъори байналхалқӣ дар анҷумани мазкур таҳти сарпарастии Ҷон Одлинг-Сми ба амал омаданд, тасдиқи худро ёфтанд.

Ба шумоён шояд он тағйиротҳои куллии демократӣ ва ислоҳҳо ба Конституторсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон маълум бошад, ки дар иҷлосияи охирини парлумони мо қабул гардид, ки аз рӯи натиҷаҳои дар мамлакатамон моҳи январи соли 2002 гузарондани раъйпурсӣ амалӣ гардонда шуд.

Дар бораи моҳияти тағйиротҳои нав ҳарф заданиям:

Дар Ӯзбекистон парлумони дупалатагӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Шароит ва кафолат барои мустақил, ниҳоят демократӣ ва ниҳоят созгорона ичро намудани ваколатҳои ҳокимиятҳои қонунбарорӣ, ичроия ва судӣ фароҳам оварда мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2)

Сармоягузор ба хотири минтақа меояд

Рӯзи якшанбеи гузашта — 4 май дар қасри «Туркистон»-и пойтахт маҷлиси тантанавии (ҷаласаи якуми) ҷамъомади XII БТТУ барпо шуд

Дар он маҷлис ба ғайр аз президентони ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Гурҷистон, роҳбарияти Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо, аъзои ҳайатҳои расмии анҷуман, меҳмонони фахрӣ ҳозир буданд. Ва ин маҷлиси тантанавӣ аз тариқи ду шабакаи телевизиони Ӯзбекистон ба таври зинда намоиш дода шуд.

Сухани ифтитоҳии маҷлиси боҳашаматро раиси Шӯрои мудирони БТТУ, вазири давлатии Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ хонум Клэр Шорт ба ӯҳда дошт ва баъд бо маърӯзаи муфассал Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов гирдиҳамоиро идома бахшид.

Хонум Шорт дар суханронии худ аз фаъолияти Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо ҳарф зад ва муваффақиятҳои онро сарфи назар аз аҳволи начандон қонеъсозандаи бозори ҷаҳонӣ қаноатманд шумурд. Ва дар соли гузашта ба ҳаҷми 3,9 млрд. евро аз ҷониби бонк вом ҷудо гардидааст, ки ин худ далели он суханон мебошад. Аз ҷумлаи он миқдор 1,35 млрд. евро танҳо ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ тахсис гардидааст.

Ҳамзамон хонум К.Шорт зарурияти такмили механизмҳои татбиқи кӯмаку вомҳои хориҷиро дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ таъкид намуд. Зеро танҳо бозори озод ва рафъ сохтани саддҳои сунъиву зараровар дар роҳи нақлу ҳаракати маҳсулоти якдигар шароити мусоиду босамарро барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва вучуд овардан имконпазир мегардад.

Ба ақидаи хонум Шорт ин таҳриру такмилҳои низомҳои меъёрии мавҷуда метавонад ба минтақа ва хусусан ба Ӯзбекистон василаи ҷалб сохтани маблағҳои БТТУ гардад, зеро ба Иттиҳодияи Урупо ҷалб шудани боз ҳашт мамлакати Урупои Шарқӣ ва назди Балтика имконоти кишварҳои Осиёи Марказиро барои ҳарчи зиёдтар даст ёфтан ба маблағҳои бонки мутазаккир меафзояд, зеро он мамлакатҳо дигар эҳтиёҷи зиёдеро ба сармояҳои вомдеҳон эҳсос намекунанд.

Раиси Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо Жон Лемер бошад, дар суханронии худ бештар аз имконоти бавҷудомадаи мубоҳиса ва мулоқотҳои озоду кушод изҳори қаноатмандӣ намуд.

— Фаровонӣ аз озодии ҷамъият бармеояд,— изҳор намуд ҷаноби Лемер. — Ва озодии ҷамъият барои ҳаракату ақлу кирдори ҳар як ҷузъи он имконоти фаровонеро эҷод мекунад.

Ба таъбири Ж.Лемер хатари хавфноки минтақа ин қашшоқии моддӣ мебошад. Аз ин боис дар самтҳои гуногун корҳои зиёдро анҷом додан зарур мебошад, ки маҳз дар ҳамин ҷодаҳо кӯмаки БТТУ ногузир аст.

Баъдан паи ҳам президентони Гурҷистон Эдуард Шеварднадзе, Ҷумҳурияти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Ҷумҳурияти Қирғизистон Аскар Акаев, Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба суҳан баромаданд.

Дар суханони роҳбарони ин кишварҳо ҳарфу шеваи ҳамкорӣ ва бозорҳои озоду дастрас ва ҳамсоягии нек баландтар аз дигар нуктаҳо садо медоданд. Ва умуман ҳар гуна иллату мамониатҳо дар роҳи ободиву фаровонии мардумони кишварҳо барои радду бадал ва ҳамгароии ҳамаҷонибаи онҳо набояд садде эҷод намояд. Ва таъбири ҷаноби Лемер низ, ки мегуфт «аз байн бурдани мамониату саддҳои сарҳадҳои ҳамдигар ва содда намудани рафтуи шахрвандони якдигар ба дохили кишварҳо бозори онҳоро низ барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолибтар месозад». Воқеият низ ҳамин аст, ки аҳлаб сармоягузорону тоҷирон на танҳо ба мақсади бозори як кишвар, балки бо мақсади фарогирии бозори минтақа меояд.

Банкирҳо танҳо аз пул гап намезананд

Бо вучуди он ки маҷлиси навбатии дувоздаҳуми Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо дар атрофи масъалаҳои моливу иқтисодӣ бештар бахс менамояд, дар доираи анҷуман баъзе дигар ҷамъомаду мубоҳисаҳое низ барпо гардиданд, ки аз нигоҳи аввал чандон ба умури бонку масъалаҳои молӣ иртибот надорад. Ва дар ҳар сурат аз баъзеи ин маҷлисҳо шаммае бароятон ироа мекунем.

Дар нимаи аввали рӯзи 4 май дар толори «Амир Темур»-и «Интерконтинентал» семинареро «Муҳити сармоягузорӣ: сиёсат чун суръатбахшандаи таҒироти муҳити сармоягузорӣ» унвон кардаанд, ки онро профессори Донишгоҳи Ҳарвард, намояндаи созмони байналмилалии «Ҳуман райт вотч» оид ба ҳуқуқи башар Майкл Игнатефф раиси намуд.

Дар ин семинар заминаҳои мусоидсозандаи сармоягузориҳои хориҷӣ, ба вуҷуд овардани омилҳои сиёсии он ва эҷоди ҷамъияти озоду ҳуқуқбунёд матраҳ гардид.

— Ҳуқуқи башар маҳсули тараққиёти иқтисодӣ на, балки иқтисоди муқтадиру шаффофро ҷамъияти озоду давлати мардумсолор эҷод менамояд,— гуфт файласуфона профессор Игнатефф.

Дар семинар аз ҷониби ҳукумати Ӯзбекистон муовини аввали вазири хориҷии ҷумҳурӣ Владимир Норов намояндагӣ намуд ва бо иштироки аҳли нишаст мубоҳиса ба амал омад, ки он мавзӯъҳои мухталифи ҳуқуқӣ ва низомҳои меъёриву ҳуқуқҳои инсонро дарбар гирифт.

Ё вуҷ мавзӯи мубоҳисаи дигарро бигирем, ки дар Маркази тиҷорати байналмилалӣ барпо шуд— «Об манбаи ҳаёт ва маишат». Худ аз худ маълум аст, ки дар ин ҷамъомади аҷиб банкиру бозаргонон дар бобати аз кору вазифаашон дур—муҳити зист ва ҳимояи он сари сӯҳбат боз намуданд.

«Занон дар тиҷорат ва ҳукумат» — унвони мубоҳисаи дигаре буд дар толори «Кристалл»-и «Интерконтинентал». Чанд нафар хонумони кишварҳои гуногун ҳамагӣ аз боби аҳволи зан ва мақоми он дар мамлакати худ ҳарф заданд. Муовини аввали вазири иқтисодиёти Ӯзбекистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Галина Саидова аз хусуси бахти вуҷ чун соҳиби фарзандону оила ва вазифае дар раъси ҳукумат ва инчунин дарёфти фурсат барои шуғли илм изҳори хушҳолӣ намуда, ҳамзамон таассуф хӯрд, ки дар ибтидои солҳои навадуми қарни гузашта низому сохтори кӯдакистонҳо рӯ ба таназзул ниҳоданд ва ҳанӯз ҳам бо вуҷуди он ки давлат ба муассисоти томактабӣ субсид медиҳад, на ҳама имкони моддӣ ва молӣ дорад, ки фарзандони худро дар кӯдакистон ҷой диҳад.

Ғайр аз ин ҷамъомадҳо, ки танҳо баъзе аз онҳоро дар боло зикр намудем, шиносӣ бо беш аз сӣ давлат ба амал омад, ки зимни ин тақдимот ҳар каси алоқаманд аз хусуси ин ё он кишвари дилхоҳаш маълумот пайдо карда метавонист. Чунин шиносонданҳо хеле бомаврид ҳам буданд, зеро дар онҳо асосан кишварҳои рӯ ба тараққӣ ширкат намуданд, ки дар айни замон иқтисодашон сармоя мехоҳад. Намояндагони ин мамлакатҳо ҳаводорони иқтисоди кишвари худро бо вазъи иқтисодиву имконоти моддиву зарфиятӣ он ошно намуда, дар навбати худ ин ҳама ҳидоятест, ки ба мамлакати худ сармоядорону корчаллononро даъват мекунанд.

Ҳамин гуна мутолиот барои сармоядорони хориҷӣ ва байналмилалӣ маводе мегардад барои мулоҳиза дар рӯи лоиҳаву нақшаҳои эҳтимолии оянда.

Тибқи анъанаи маҷлисҳои солонаи БТТУ дар поёни он лексияҳои гуногун баргузор мегардад, ки ин дафъа барои ин маърӯза Аҳлоҳазрат Оғохон Имоми IY — сардори исмоилиёни ҷаҳон даъват шуда буд. Ва он тавре ки худ гуфт «на банкиру иқтисоддони байналмилалӣ, балки ҳатто ин умурро дар худуди як давлат наметавонад ба ӯҳда дошта бошад».

Ин лексияҳои маъруф ба номи аввалин раиси БТТУ ва машҳуртарин банкир Жак де Ларузе унвон гаштааанд.

Пазирой дар қароргоҳи Оҳсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 5 май дар қароргоҳи Оҳсарой ҷонишини вазири молияи ИМА Ҷон Тейлорро пазируфт.

Сафари расмии сарвари давлати мо ба ИМА моҳи марти соли 2002 ба равобити ба ҳамдигар муфид байни ду мамлакат такони нав бахшид. Мувофиқи Эъломия дар бораи асосҳои шарикӣ ва ҳамкории стратегӣ амалиёти мутақобилаи зич байни ду мамлакат ба роҳ монда мешавад. Моҳи гузашта ҳайати вакилони Ӯзбекистон ба ИМА рафта, як қатор гуфтушунидҳо гузаронданд.

— Дар маҷлиси ҳарсолаи Шӯрои коргузорони БТТУ, ки дар Тошканд ба амал мояд, ҳайати вакилони баобрӯй аз ИМА низ иштирок мекунад, — гуфт ҳини вохӯрӣ Ислом Каримов. — Мо онро қадр мекунем ва сафари шумоёнро ба мамлакати бои як тасдиқи торафт инкишоф ёфтани ҳамкориамон мешуморем.

Ҷ. Тейлор ба Президент барои пазироии самимона миннатдорӣ изҳор намуда, зикр кард, ки вохӯриҳо дар доираҳои корчаллонон собиткадамона давом дорад, ҳамкорӣ байни мамлакатҳоямон ҳаматарафа инкишоф меёбад.

Ҳини сӯҳбат оид ба муносибатҳои ӯзбекистониву амрикӣ мубодилаи афкор ба амала омада, диққату эътибори асосӣ ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи молия, ҷалб сохтани сармояҳо, равобити тиҷоративу иқтисодӣ нигаронда шуд.

◆◆◆

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 5 май дар қароргоҳи Оҳсарой вазири молияи Ҷопон Масадзюро Шиокаваро пазируфт.

Муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Ҷопон ба дарачаи шарикии стратегӣ баромадааст. Сафари расмии Президент Ислом Каримов ба Ҷопон соли 2002 бори дигар намоиш дод, ки рушди равобити байниҳамдигарӣ байни ду мамлакат ба дарачаи баланд мебошад.

Ӯзбекистон ва Ҷопон иштирокро дар муоҳидаи байналхалқии зиддитеррористӣ воло арзёбӣ мекунанд. Ҷопон ҳоҳиши истифода бурдани инфрасохтор ва нерӯи захиравии Ӯзбекистонро дар амалиётҳо оид ба барқарор кардани Афғонистон баён сохт.

Равобити иқтисодӣ байни ду давлат сол то сол мустаҳкам мегардад. Барои дар Ӯзбекистон ба рӯи об баровардани лоиҳаҳои сершумори сармоягузорӣ аз Ҷопон таҳҳизот ва технологияҳои замонавӣ оварда мешаванд. Дар мамлакатамон намояндагии 18 ширкати ҷопонӣ фаъолият пеш мебарад. 7 корхонаи муштарак ва се корхона пурра аз ҳисоби сармояҳои ҷопонӣ сохта шудааанд. Дар Тошканд намояндагии Оҷонсии Ҷопон оид ба рушди байналхалқӣ ва Ташкилоти савдои беруная Ҷопон кушода шудааанд. Кумитаҳои ӯзбекистониву ҷопонӣ ва ҷопониву ӯзбекистонӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ мунтазам маҷлисҳои ҳудро мегузаронанд.

Ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Ҷопон дар соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ҳам бомуваффақият инкишоф меёбанд.

Ҳангоми сӯҳбат оид ба масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба мубодилаи афкор ба амал омад.

(ЎзА)

Доир ба сафари Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. Каримов ба Гурҷистон

Дар рафти вохӯрии дуҷонибаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов бо Президенти Гурҷистон Эдуард Шеварднадзе, ки дар доираи фаъолияти маҷлиси ҳарсолаи дувоздаҳуми БТТУ ба амал омад, аҳду паймон дар хусуси ташкили сафари расмии Президенти Ӯзбекистон ба Гурҷистон ҳосил гардид.

Мӯҳлати сафар тавассути шабакаҳои дипломатӣ ҳамоҳанг карда мешавад.

ОИ «Ҷаҳон».

Жон Лемер: қадаме ба пеш гузоштем

Аз тадбирҳои доираи анҷумани Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо конфронси матбуотии раиси он Жон Лемерро хабарнигорон беш аз ҳама мунтазир буданд, ки ба таври худ ӯ бояд аз натиҷагирии анҷуман накл мекард.

— Бо нақшаҳое, ки ба Ӯзбекистон омада будем, фикр мекунам, ки барои амалӣ кардани онҳо муяссар гаштем,— суханашро оғоз намуд ҷаноби Лемер.— Хостем бештар таваччӯҳ ба минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳам Ӯзбекистон ҷалб карда шавад, ки ин ҳам ба мо даст дод.

Дар ин чанд рӯзи анҷуман дар доираи маҷлисҳои хурду бузурги он беш аз се ҳазор банкиру тадбиргар, журналисту ҳуқуқшиносону муҳофизони ҳуқуқи башар, роҳбарони дарачаҳои гуногун, намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ, дипломатҳо ҳузур доштаанд.

Бино ба Ж.Лемер мубоҳисаҳои ошкорову рӯшод низ аз ҳадафҳои анҷуман будааст, ки ба он низ намояндагони зиёди созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқи башар ширкат намуданд ва онҳо махсусан ин маҷлисҳои моро хуб истиқбол карданд. Дигар ин ки, ҳарчӣ дар дил гуфтанӣ доштем, тавонистем дар сӯҳбату мулоқотҳо арз кунем.

— Мо дар бобати вазъияти ҳудудҳои маъмурии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ сӯҳбатҳои муҳим доштем, ки мардум тавонанд озод молу мулк ва худу ғояҳои худро бидуни мамониат ва саддҳои сунъиву сохта аз ҷое ба ҷое бубаранд.

Аз суханони раиси бонк бармеояд, ки созмондиҳандагони анҷуман тавонистаанд аз омилҳои демократии ҷамъият ва озодбаёнӣ мубоҳисаҳои муҳимро дар тӯли маҷлисҳо эҷод намоянд. Инчунин ба вуҷуд овардани муҳити озоди тиҷорату тадбиргарӣ ва соҳиб будан ба амволи худ аз мақсадҳои анҷуман будааст, ки дар ин заминаҳо низ гуфтугузорҳои зиёд ва босамар ба амал омадааанд.

Ҷаноби Лемер чунин мешуморад, ки барои оянда низ баъзе нақшаҳо муқаррар гардиданд, ки тарафҳо рӯи он кор баранд. Мавзӯъҳои таъвизи озоди арз, мамониатҳои марзӣ барои тиҷорат чунин корҳо барои як соли оянда аст. Ж.Лемер мутмаин аст, ки чунин ҷараёнҳо агар дар Урупои Шарқӣ ва ё Марказӣ мебуд, умед кардан мумкин буд, ки зудтар анҷом меёбад, зеро шароити иқтисодӣ ва тинати ҷамъият тафовут дорад.

Номбурда аз лоиҳаҳои баррасишавандаи БТТУ барои Ӯзбекистон дутои онро зикр кард, ки яке аз он шабакаи марказгармии пойтахт ва дигаре дар сохтори умури оби ошомидании шаҳри Тошканд.

Ж.Лемер дар маҷмӯъ баргузории анҷуманро як қадами муқтадир ба пеш ва ҳусни тафоҳум ва табодули назар арзёбӣ намуд, ки беш аз ҳама аз ҳушҳолии худ аз меҳмоннавозӣ ва пазироии аҳли пойтахти Ӯзбекистон арзи сипос намуд.

Матолибро аз анҷуман хабарнигори махсуси «Овози тоҷик» Т.ИКРОМОВ омодаи чоп намуд.

Анҷумани Тошканд:
Мақсадҳо ва саъю кӯшиши мо — муштарак

Суханронии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар кушоиши мутантани маҷлиси ҳарсолаи Шӯрои коргузорони БТТУ

(Аввалаш дар сах.1)

Нақш ва аҳамияти ҳокимияти қонунбарорӣ—парлумон оид ба интихоби Нахуствазир, ба вучуд овардан ва назорати фаъолияти ҳукумати мамлакат хеле меафзояд. Як қисми ваколатҳои Президенти мамлакат, аз он ҷумла тасдиқ намудани сарварони сохторҳои давлатӣ, иҷроия, судӣ ва дипломатӣ, умурҳои махсус ва прокуратура ба зиммаи палатаи болоӣ—Сенат гузошта мешавад. Ваколати Раиси Девони Вазирон, ки то ҳол Президент иҷро мекард, ба зиммаи Нахуствазир гузошта мешавад.

Ба фикрам зарурат ба он нест исбот намоем, ки ҳамаи ин тағйиротҳои принсипиалии муҳим дар сохтмони давлатӣ ва идора танҳо бо як чиз талаби айём, дар мамлакат фароҳам ояндаи шароит барои пурзӯр кардани асосҳои демократӣ дар сохтори давлатӣ ва пеш рафтани мо бо роҳи ба вучуд овардани давлати ҳуқуқбунёд тавзеҳ дода мешавад.

Рушди минбаъдаи ҷамъиятамонро мо дар собиткадамона маҳдуд гардондани фаъолияти ташкилотҳои марказӣ ва вогузоштани ваколатҳои ҳокимиятро аз марказ ба маҳалҳо ва режими маҳдуд сохтани дахолати мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти назоративу тафтишотӣ дар фаъолияти сохторҳои тичоратӣ, хусусӣ ва тадбиргарӣ мебинем.

Шиори «Дахолати давлат ба иқтисодиёт камтар мегардад» дар мамлакатамон торафт мақбулият пайдо мекунад.

Дар ин самт бисёр корҳо ба иҷро расиданд ва онро дар мисолҳои мушахраси суръатфизоии пешрафти сектори хусусӣ ва тадбиргарӣ, сохибикории хурду миёна дидан мумкин аст, ки ҳиссаи он нисбати ҳаҷми умумии маҳсулоти умумии дохила 34 фоизро ишғол менамояд.

Мо ба пурзӯр гардондани нақш ва аҳамияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ, мақомоти ҳудидоraи шаҳрвандон диққату эътибори калон медиҳем. Мо пайваста афзудани нақши сохторҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятиро пеш аз ҳама дар ҳифзи арзишҳои демократӣ, ҳифзи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии одамонамон, дар пурзӯр гардидани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои маъмурӣ ҳамчун воситаи босамари муборизаи ба муқобили бюрократизм ва ришватхӯрӣ мебинем.

Ҳамчун қисми таркибии раванди ба вучуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандиро мо дар таъмини озодкунии воситаҳои ахбори оммавӣ, бо суръати баланд инкишоф ёфтани соҳаи иттилоот мебинем. Имрӯзҳо нашрияҳои мустақили матбуотӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Пурра сензура дар матбуот аз байн бардошта шудааст.

Мо имрӯзҳо дар бахши қонунофарӣ ва амалии амиқ гардондани ислоҳоти судию ҳуқуқӣ бисёр корҳоро ба иҷро расондем ва мақсад аз онҳо таъмини волоияти доштани қонун, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, пурзӯр гардондани озодкунӣ ва инсонпарварӣ гардондани қонунҳо, бештар додани мустақилкорӣ ба низоми судӣ мебошад.

Фикрҳои дар боло баёншударо умум гардонда мехостам қатъан изҳор намоям: роҳе, ки Ӯзбекистон ояндаи ояндаи шароит барои пурзӯр кардани асосҳои демократӣ дар сохтори давлатӣ ва пеш рафтани мо бо роҳи ба вучуд овардани давлати ҳуқуқбунёд тавзеҳ дода мешавад.

Рушди минбаъдаи ҷамъиятамонро мо дар собиткадамона маҳдуд гардондани фаъолияти ташкилотҳои марказӣ ва вогузоштани ваколатҳои ҳокимиятро аз марказ ба маҳалҳо ва режими маҳдуд сохтани дахолати мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти назоративу тафтишотӣ дар фаъолияти сохторҳои тичоратӣ, хусусӣ ва тадбиргарӣ мебинем.

Шиори «Дахолати давлат ба иқтисодиёт камтар мегардад» дар мамлакатамон торафт мақбулият пайдо мекунад.

Дар ин самт бисёр корҳо ба иҷро расиданд ва онро дар мисолҳои мушахраси суръатфизоии пешрафти сектори хусусӣ ва тадбиргарӣ, сохибикории хурду миёна дидан мумкин аст, ки ҳиссаи он нисбати ҳаҷми умумии маҳсулоти умумии дохила 34 фоизро ишғол менамояд.

Мо ба пурзӯр гардондани нақш ва аҳамияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ, мақомоти ҳудидоraи шаҳрвандон диққату эътибори калон медиҳем. Мо пайваста афзудани нақши сохторҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятиро пеш аз ҳама дар ҳифзи арзишҳои демократӣ, ҳифзи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии одамонамон, дар пурзӯр гардондани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои маъмурӣ ҳамчун воситаи босамари муборизаи ба муқобили бюрократизм ва ришватхӯрӣ мебинем.

Ҳамчун қисми таркибии раванди ба вучуд овардани асосҳои

Танҳо созмон додани муоҳидаи зиддитеррористӣ таҳти сарпарастии ИМА, торумор кардани толибони ҷангчӯ, машқгоҳҳо ва базаҳои терроризм имконият дод, ки давлатҳо ва халҳои минтақа озодона нафас кашанд.

Равандҳои мусбие, ки имрӯзҳо дар Афғонистон рух медиҳанд, дар навбати аввал ба туфайли диққату эътибор ва кӯмаки калони ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, натанҳо имконияти барои осудаҳолона барқарор кардани мамлакат фароҳам меоварад, балки сарҳадҳо барои амалӣ гардондани лоиҳаҳои калонмиқёси коммуникатсионии байнидавлатӣ дар ҳудуди васеи Осиёи Марказӣ боз мекунад, ки онҳо як хел чун дигар давлатҳои минтақа ва сохторҳои байналхалқии молиявӣ манфиатдоранд.

Ӯмили дуюм ин равандҳои обективиест, ки дар тамоми масоҳати собиқ Шӯравӣ, аз он ҷумла дар минтақаи мо баъди вожгун шудани ИҶШС ба амал омадааст.

Ва он раванди ниҳоят дӯшвори гузаштан аз низоми тоталитарӣ, фармондиҳиву амрдиҳӣ, тақсимотӣ ба сохтмони барои мо низоми таъмоман нави демократии ҳуқуқӣ, ба вучуд овардани асосҳои иқтисоди бозаргонии озод мебошад.

Барои амалӣ гардондани лоиҳаҳои муштарак дар ҳудуди минтақаи дорои дарачаи мухталифи тараққиёт, микёс ва пешрафти мамлакатҳои мо дар дигаргуниҳои демократӣ ва бозаргонӣ монеаи ҷиддӣ мегардад.

Барои тамоми иштирокдорони анҷумани мазкур бояд як чиз возеҳу равшан бошад. Имрӯзҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ бидуни ягон муболиға пешомадҳои васеъ барои ба рӯи об баровардани лоиҳаҳои калонмиқёси сармоягузорӣ ва ҳамгароӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт боз мегардад, бозори пурқувваттаи доманадор барои гузоштани маблағ ва фурӯши молҳо, алқисса тамоми шароити зарурӣ барои бомуваффақият ба амал баровардани соҳибкорӣ фароҳам ояндаи ояндаи шароит мешавад.

Мо албатта ҳуб медонем, ки қувваҳое ҳастанд, ки аз чунин пешомадҳо шоду масрур намебошанд.

Саъю кӯшиши ҳамчун ниҳоят мураккаб ҳамчун маҳнидод кардани минтақа ҷой доранд. Пешгӯиҳо дар ҳусуси номӯҳтадил гардидани вазъият дар Афғонистон, дар бораи сар бардоштани толибон ва ҳар гуна гурӯҳҳои минтақавӣ ва террористони ҷангчӯй паҳн карда мешаванд.

Дар бораи мавҷуд будани бисёр душвориҳо дар минтақа бароии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ҳарф зада мешавад. Оид ба ин чӣ гуфтан мумкин аст?

Оре, то пурра бо муҳити сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ қарор гирифтани Афғонистон вақти зиёде талаб карда мешавад.

Вале имрӯзҳо дар мо тамоми асосҳо ҳаст, дар ин бобат дилпур гардем, ки он чизеро, ки мо якҷоя аз сар гузарондем, ҷомеаи ҷаҳонӣ дигар роҳ намегузорад, ки равандҳои мусбӣ оид ба бо роҳи осоишта барқарор кардани Афғонистон ба ақиб баргардад.

Бисёр пешгӯию тахминҳо ва фикру мулоҳизаҳо дар бораи оқибатҳои фалокату офатҳои мунтазиршаванда, аз он ҷумла дар навбати аввал номӯҳтадил гардидани вазъияти Осиёи Марказӣ гуфта шуданд, ки он дар навбати аввал дар давраи амалӣ гардондани амалиётҳои ҳарбӣ оид ба бесилоҳгардонии Ироқ рӯх доданд.

Ӯзбекистон чуноне ки ба шумоён маълум аст, аз рӯзҳои аввал мавқеи возеҳу қатъиро оиди ҷонибдории мавқеъ ва сиёсати ИМА оид ба ин масъала ишғол намуд.

Бояд кушоду равшан гуфт, ки ин мавқеи принсипиалӣ, дар айни замон бобарқашу амиқан фикр кардашудаи Ӯзбекистон аз бисёр чиҳат хиссиёт ва тарсу ваҳмро дар минтақа оид ба муаммои Ироқ пешгирӣ намуд.

Воқеаҳои солҳои охир гаштаю баргашта зикр менамояд, ки бароии имрӯз ва фардои мамлакати мо муттаҳид гардондани саъю кӯшишамон оиди таҳкими ризоияти байнидинӣ ва байнимиллӣ, нигоҳ доштани сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ дар минтақа аҳамияти калон касб менамояд.

Мо хуб медонем, ки барои пешрафти иқтисодиёт таъмини ошкорбаёнӣ, озодӣ дар муносибатҳоиро аҳамияти муҳим касб менамояд. Ҳамчунин суръатфизоии равандҳои ҳамгарӣ ва ба вучуд ояндаи ояндаи шароит бозори ягонаи умумӣ дар минтақа низ аҳамияти калон касб мекунад.

Ба фикрам, агар бигӯям, ки Осиёи Марказӣ набояд маҳалли ҳаракоти геосиёсӣ ва ба вучуд ояндаи ояндаи шароит блокҳои ҳарбиву сиёсӣ гардад, фикри тамоми ҳамкоронамонро дар минтақа баён карданӣ мешавам. Бояд нерӯи бузурги захиравӣ ва иқтисодии ин минтақа барои ҳамаи онҳое боз бошад, ки аз рушду фаровонии халҳҳое, ки дар ин минтақа ҳаёт ба сар мебаранд, манфиатдор мебошанд.

Мӯҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Ҳонумон ва ҷанобон!

Ҳамаи онҳое, ки рафти рушди воқеаҳоро баъди 11сентябри соли 2001, натиҷаҳои амалиётҳои зидди террористӣ дар Афғонистон ва Ироқ гузарондашударо бо диққат назар меафкананд, ба он ба зудӣ сарфаҳм мераванд, ки чӣ тавр вазъият ва мувозинати қуввaҳо дар ҳаритаи сиёсию иқтисодии ҷаҳон тағйир меёбанд ва чӣ гуна имкониятҳои нав барои ба амал баровардани лоиҳаҳои ҳақиқатан доманадор, дар навбати аввал лоиҳаҳои коммуникатсионӣ фароҳам оварда мешавад.

Бо иҷозати шумоён мехостам аз хусуси нақши Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ҳамчун минтақаҳои дорои нерӯҳои бузурги геостратегӣ ва геосиёсӣ, захираҳои бой, ки дар низоми муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ва сиёсӣ аҳамияти калон касб менамоянд, мухтасар истода гузарам.

Яке аз самти асосии истифодабарии нерӯи мазкур бояд дар навбати аввал таҳким бахшидани ҳамкории иқтисодӣ дар минтақаи доманадори мо гардад.

Ба ҳамин муносибат мувофиқи мақсад мебуд агар Бонки Урупо якҷоя бо Бонки рушди Осиё ва Бонки умумичаҳонӣ дар бобати таҳияи пешомадҳои миёнамӯҳлату дарозмӯҳлати барномаҳои рушди ҳамкории иқтисодии минтақавӣ кӯмаки ҳамаҷониба расонда, дар ин бобат ба раванди мазкур фаъолона ҷалб сохтани Афғонистонро пешбинӣ кунад, ки бояд қисми ҳамгароии муҳими минтақаи Осиёи Марказӣ гардад.

Ба фикри мо самти асосии чунин ҳамкорӣ инҳо бояд бошад:

Аввало, ба вучуд ояндаи дарачаҳои нави сершаклаи коммуникатсионӣ ва нақлиётӣ, аз он ҷумла роҳҳои автомобилгарду роҳи оҳан. Онҳо бояд дар солҳои дар пешистода ба низоми ягонаи ба ҳамдигар алоқаманди коммуникатсияҳои нақлиётӣ васл гарданд, ки боэътимод баромадан ба бандарҳои муҳиттаҳои ҳуқӣнусҳои Ҳинд, Атлантика ва Оромро таъмин месозанд. Ҳини зарурат боэътимодӣ ва амнияти коммуникатсияҳои ба вучуд ояндаи ояндаи шароит ба ҳисоб рафтаи ва бидуни монеаҳои гумрукӣ таъмин карда шавад.

Дуюм, такмил додан ва рушди хатҳои нақли кӯбурии магистралӣ зарур аст, ки баромадани захираҳои бойтаринаи ашёи хоми мамолики минтақаро ба бозорҳои дурнамо таъмин месозад;

сеюм, таҳия ва ба рӯи об баровардани барномаҳои мақсадноки баланд бардоштани босамарӣ ва оқилона истифода бурдани захираҳои об;

чорум, такмил додани шабакаҳои мавҷудаи магистралӣ ва низоми иқтидорҳои танзимкунанда, ҳамчунин рушди инфрасохтори минтақавӣ, ки босамар истифода бурдани захираҳои энергияи барқи минтақаро таъмин месозад;

панҷум, расондани мадад дар муттаҳид сохтани саъю кӯшиш оиди расондани кӯмак ба мамлакатҳои минтақа дар ҳаллу фасли муаммоҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва экологӣ, расондани кӯмак дар рушди нигаҳдории тандурустӣ ва таълим.

Бомуваффақият ба рӯи об баровардани самтҳои мазкур ҳамчун иқдоми муҳим дар роҳи рушди равобити байниминтақавии савдову иқтисодиёт, эҳёи асосии замонавии Роҳи бузурги абрешим хизмат мерасонад.

Мӯҳтарам ҳонумон ва ҷанобон!

Он чиз амиқан рамзист, ки БТТУ ҳамсинну ҳамсоли мамлакатҳои мустақиле мебошад, ки баъди вожгуни салтанати шӯравӣ роҳи мустақилонаро пеш гирифтаанд.

Таҳлили роҳи ғайриоддии тайкардаамон ояди қарор ёфтан ва навсозии мамлакатҳояамон, ки дар нақшаҳои пешомадноки ҳамгароии минтақавӣ ва байналхалқӣ пешбинӣ гардидаанд, даромадан ба меъёрҳои демократии аз ҳониби умум эътирофгардида ва арзишҳо ба мо дилпурӣ ва рӯҳбаландиро бо оянда медиҳад.

Ба даст омадани мақсадҳои пешгузоштаро мо аз бисёр чиҳат ба амиқ гардондани ҳамкорӣ бо Бонки таҷдид ва тараққиёти Урупо мебинем, ки имрӯзҳо шарики муҳимтарин дар кори таҳияи стратегия ва ба рӯи об баровардани ислоҳот гардидааст. Ман боварӣ дорам, ки дар доираи бизнес анҷуман ва муаррифии мамлакатҳо намояндагони номдори корчаллон равобити навро ба роҳ мемонанд ва асосро ба лоиҳаҳои нави пешомаднок мегузоранд. Боварӣ дорам, ки баҳсу мунозираи босамар, ки дар ин рӯзҳо ба амал меоянд, баҳри пешрафти минбаъда дар муносибатҳоямон ва рушди ҳамкорӣ чӣ дар пояи серҷониба ва чӣ дучониба мусоидат менамояд. Дар ин бобат мӯътақидам, ки имрӯзҳо шумо пазироии гарму меҳманнавозии халқи ӯзбекро ҳис мекунед. Имконияти ошно гардиданро бо таъриҳи бисёрасриная он, мероси бои маънавӣ, фарҳангу анъаноти миллӣ, дӯстон ва шарикони навро дар соҳаи корчаллонӣ пайдо мекунед.

Дар хотима мехостам фикри нависанда ва сайёҳи машҳури инглис Редярд Киплингро ба хотир оварам. Ӯ гуфта буд: «Шарқ ин Шарқ аст. Ғарб ин Ғарб аст. Ва онҳо ҳеҷ гоҳ бо ҳам барнамехӯранд». Ба фикрам Киплинг дар ин бобат ноҳақ буд. Зеро дар ин бобат анҷумане, ки дар ин маҷлисгоҳ, дар Тошканд ба амал меояд, ки барҳақ номи «Дарвозаи Шарқ»-ро гирифтааст, намояндагони Урупо ва Осиёи Марказӣ бо ҳам воҳӯрданд ва якҷоя пешомадҳои муттаҳид сохтани саъю кӯшишамонро оиди баланд бардоштани сатҳи зиндагонии халҳҳо муҳокима менамоянд, ин фикрро ба пуч мебарорад.

Ба диққату эътиборатон раҳмат.

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди пурзӯр кардани ҳифзи ҳуқуқии сармоягузории бевоситаи хориҷӣ

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи кафолатҳо ва тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ» ва ба мақсади таъмини шароити мусоид барои ба ҷумҳурият ҷалб сохтани сармояҳои бевоситаи хориҷӣ, ба вучуд овардани механизми таъсирбахши ҳифзи боэътимоди ҳуқуқии онҳо, минбаъда дар ҳамин асос беҳтар кардани вазъи сармоягузорӣ дар мамлакат Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Ба зиммаи Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон вазифаҳо оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ гузошта шавад.

Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон чунин ҳуқуқҳо дода шаванд:

омӯзиши асосноки ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ ба ҷавобгарӣ бо роҳи ошно гардидан бо ҳуччатҳои зарурӣ, аз он ҷумла, маводҳои парвандаҳои ҷиноӣ, шаҳрвандӣ, ҳоҷагӣ ва маъмурӣ;

ба ҳукми сарварони вазоратҳо, идораҳо, мақомоти назоратӣ, ҳамчунин мақомоти маҳаллии ҳокимият ва идора пешкаш кардани тақдимот дар хусуси барҳам задани қонуншиканиҳо, сабабҳои халалдор шудан ва шароити ба он мусоидкардае, ки барои иҷро дар мӯҳлати муқарраршуда ҳатмӣ мебошад;

дар назди мақомоти дахлдор пеш гузоштани масъала дар хусуси ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони айбдор ҳини ошкор гардидани далелҳои аз ҷониби онҳо халалдор гардидани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ, ҳамчунин ҳангоми аз тарафи шахсони мансабдор иҷро нагардидани талабҳои қонунии мақомоти адлия;

бозгардонидани арзи амалу қарори мақомоти назоратӣ ва маҳаллии ҳокимияту идорае, ки ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷиро халалдор месозанд;

мурочиат кардан бо таклифҳо ба мақомоти судӣ бидуни додани бочи давлатӣ аз хусуси аз нав дида баромадани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноӣ, шаҳрвандӣ, ҳоҷагӣ ва маъмурие, ки ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷиро халалдор сохтаанд;

ҷалб сохтани мутахассисони дахлдор барои тафтиши мурочиатномаи сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ дар хусуси қонуншикании ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо.

Муқаррар гардад, ки қабули қарори Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бахши таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ барои иҷро аз тарафи вазоратҳо, идораҳо, иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳатмӣ мебошад.

2. Дар сохтори Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Раёсат оид ба ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ ба теъдоди кормандони 10 воҳид, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, раёсатҳои адлияи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд—шӯъбаҳои дахлдор созмон дода шаванд.

Ба Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки ба маблағфарогирии харочоти ҷории Раёсатро оид ба ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ ва корхонҳо бо сармояҳои хориҷии Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва шӯъбаҳои дахлдори он аз нав дида бароянд.

3. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад:

дар бадали ду ҳафта сохтор ва низомро дар бораи Раёсат оид ба ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармоягузорони хориҷӣ тасдиқ намояд;

якҷоя бо Вазорати молия, Кумитаи давлатии андоз, Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор дар бадал ду моҳ фехристи имтиёзоту кафолатҳои мавҷударо нисбати сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ ва баробари шарҳи истифода бурдани онҳо таҳия созад;

якҷоя бо Оҷонсӣ оид ба сармоягузории хориҷӣ дар бадали се моҳ ба забони хориҷӣ мачмӯи ба низомдаровардашудаи санадҳои меъёриву ҳуқуқиро таҳия созад, ки фаъолияти сармоягузорони хориҷиро дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон танзим мегардонад ва онро дар Шабакаи Интернет ҷойгир созад.

4. Ба Департаменти равобити берунии иқтисодӣ ва сармоягузории хориҷии Девони Вазирон супурда шавад, ки ба ҷалб сохтани грантҳо бахри ҷонибдории заминаи моддиву техникии шӯъбаҳои минтақавии Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва ба ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ ва корхонаҳо бо сармояҳои хориҷӣ кӯмак расонад.

5. Ба Вазорати адлия ва Департаменти равобити берунии иқтисодӣ ва сармоягузории хориҷии Девони Вазирон супурда шавад, ки мониторинги доимиро аз болои фаъолияти корхонаҳо бо сармоягузорони хориҷӣ ба роҳ монад, амиқан ва ҳамаҷониба мурочиат ва таклифҳоеро, ки аз сармоягузорони хориҷӣ мерасад, омӯхта, ҳар се моҳ як бор Девони Вазирон маводҳои таҳлилиро якҷоя бо таклифҳои мушаххас оид минбаъда беҳтар кардани ташкили корҳо дар бобати ҷалб сохтани сармояҳои бевоситаи хориҷӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорони хориҷӣ пешкаш кунад.

6. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як моҳ якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор ба Девони Вазирон таклифҳоро оид ба даровардани тағйироту иловаҳое, ки аз қарори мазкур бармеоянд пешкаш кунад ва ҳамчунин даровардани тағйиротҳои зарурӣ ва иловаҳоро ба санадҳои меъёрии вазорату идораҳо таъмин созад.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишинони Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.С.Азимов ва Э.М.Ғаниев гузошта шавад.

Раиси Девони Вазирон И.КАРИМОВ.

Шаҳри Тошканд,
2 маи соли 2003.

Рӯзи аввал рӯзи Ӯзбекистон буд

Агарчи рӯйдодҳои асосии анҷумани солонаи Бонки тараққиёт ва таҷдиди Урупо чорум ва панҷуми май барпо шуданд, рӯзи шанбе аллакай аз муҳимтарин воқеаҳои он барпо шуд. Ин тадбирҳо пеш аз ҳама бо иқтисодиёт ва дастовардҳои он вобаста буданд.

Аввалин чунин ҷамъомад дар ғурфаи тоза таъмиршудаи Ӯзэкспосентр барпо шуд.

Дар ҳавлии назди ин ғурфа такрибан ҳама ҷуза мошинҳои истеҳсоли Ӯзбекистон гузошта шуда буданд ва аз ҳонаводаи ӮзДЭУ «Нексия» - ву «Тико» ва «Дамас»-у «Матиз»-ҳо ва корхонаи Заводи тракторсозии Тошканд тракторҳои хурд, ки бо ҳамкории чиноиҳо сохта шудаанд, намунаҳои «Самкочавто» ва ҳамчунин «Кейс»-ҳои амрикӣ гузошта шудаанд.

Дар омади гап as ҷавонони назди «Кейс»-ҳо суол кардам, ки чаро маҳсулоти хориҷӣ дар ин ҷо гузоштаанд, as ҷавобаш маълум гардид, ки «Кейсмаш» мехоҳад as БТТУ кӯмаки молӣ бигирад ва барои истеҳсоли онҳо дар Тошканд пардозанд.

Дар назди ин «тавлидоти Ӯзбекистон» маросими ифтитоҳи намоишгоҳи «Зарфиёти сармоягузорӣ ва содироти Ӯзбекистон» барпо шуд, ки ҳангоми ифтитоҳи он раиси Оҷонсии робитаҳои иқтисодии хориҷии Ӯзбекистон Элёр Ғаниев ҳадафи тадбирро «ба сармоядорону банкиҳои хориҷӣ манзур намудани имконоти иқтисодӣ ва бозори ҷумҳурӣ аст, ки зимни боздид as ин ғурфаҳо онҳо эҳтимол барои худ роҳҳои ҳамкории ҷолиброро пайдо намоянд.

—Боиси ифтихор аст, ки маҷлиси навбатии БТТУ маҳз дар Ӯзбекистон ба амал меояд,—гуфт ҳангоми суханронӣ дар маросими кушодани ин намоишгоҳ муовини раиси БТТУ ҳонум Норин Дойл.— Тичорат ва сармоя ҳамеша паҳлуи ҳам буданд ва as ин сабаб ниёз ба ин ҳарду ҳамеша эҳсос мегардад ва as ин боис барои рушду равнақи бозор пул зарур аст ва ин ҳуд такозо дорад, ки бонҳоро вучуд дошта бошанд, ки бонки мо низ ба ҳотири ин эҳтиёҷоти қонеъ гардондан рӯи кор омадаast.

Дар дохили павилон бошад, беш as панҷоҳ ширкати ҳолдингу ҷамъиятҳои саҳҳомӣ маҳсулоти худро ба ғурфаҳо ҷой додаанд. Ширкати саҳҳомии «Ӯзқурилишматериаллари», Ҳолдинги миллии «Ӯзбекнафтугаз», Корхонаи металлургии Навоӣ, ширкатҳои миллии «Ӯзбекистон темир йӯллари» ва «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари», ассотсиатсияи «Ӯзмашсаноат», Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯздонмаҳсулот», корхонаҳои муттаҳидаи дорусозӣ, корхонаи муштараки «Самарқанд-Бухоро ипак гиламӣ», Ҷамъияти саҳҳомии «Тошкандмебел» ва теъдоди чанд корхонаи дигар, ки воқеан ба сармоягузорӣ ва вусъат бахшидани кори ҳуд эҳтиёҷ доранд ва аллакай бо сармоя ва воҳиҳои БТТУ корҳои ҷолиброро анҷом додаанд.

Идомаи тақдимоти зарфиёту имконоти бозору иқтисодиёти Ӯзбекистон дар Маркази байналмилалии тичорат (Бизнес-сентр) ба амал омад, ки дар он ҷумҳуриро as лиҳозои муҳити саромоягузорӣ ва ҷалб кардани маблағи хориҷӣ Нахуствазир Ӯткур Султонов ва раиси Оҷонсии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ Элёр Ғаниев намояндагӣ карданд ва as ин боис ҳам он рӯзро бо назардошти барномаи он рӯзи Ӯзбекистон номидан мумкин буд.

Ӯткур Султонов as бобати ҳаёти имрӯзаи бозору иқтисодиёти Ӯзбекистон муфассал сӯҳбат намуд ва бори дигар дар назди теъдоди зиёди корчаллонону тадбиркорон ва мудирони бонҳо роҳи муайян ва равшани иқтисодии ҷумҳуриро таъкид намуд ва гуфт, ки дар як соли охир моли нохолиси дохилӣ 27 фоиз афзуда, дар айни ҳол беш as 3 ҳазор корхонаи хориҷӣ дар кишвар фаъолият дорад.

Дар шиносоии ҳаёти иқтисодии мамлакат раиси БТТУ Жон Лемер низ ҳузур дошт ва ӯ дар навбати ҳуд as равобити бонки мазкур ва Ӯзбекистон as ҳарф зад. Бино ба суҳанони ӯ дар даҳ соли охир БТТУ ба ҷаҳр бонки Ӯзбекистон ба миқдори 180 млн. доллар кӯмак намудааст. Ҷаноби Лемер инчунин изҳор кард, ки бонк омода аст ҳусусан бо сектори ҳусусӣ ҳамкорӣ намояд.

—То ин вақт мо ба бахши ҳусусӣ ҳамкорӣ карда меоем, аммо минбаъд бештар майл дорем, ки бо ин қишри шакли ҳочагидорӣ ҳамкориро равнақ бахшем.

Элёр Ғаниев баъзе соҳаҳои захираҳои табиии ҷумҳуриро барои сармоягузорӣ ҷолиб шумурд, ки as ҷумла as лиҳозои захираи тилло дар ҷаҳон мақоми чорумро соҳиб бошем, дар ҷиҳати истихроҷи он дар сатри нӯҳум ҳастем.

Дар ин ҷамъомад, ки ҳоҳиш мандони иштироки он as ҳадди ғунҷоиши толор зиёд буд, бори дигар as салдо иқтисодии 270 млн. доллари соли ғузаштаи мамлакат зикр гардид. Дар айни ҳол соли ғузашта 34,6 фоизи маҳсулоти нохолиси дохиливро бахши ҳусусӣ ташкил намуд.Ва as ҷиҳати барқу нафт Ӯзбекистон ба ҳудкифоӣ расидааст, барои ҳама маълум аст. Инчунин истихроҷи ғаз пас as пошӯрии шӯравӣ 40 фоиз зиёд гаштааст. Ҳамин тариқ ҳозирон барои ҳуд бори дигар Ӯзбекистонро as ҷиҳатҳои барои ҳуд ҷолиб кашф намуданд, бо вуҷуди он ки қабл as сафари ҳуд ҳам онҳо медонистанд, ки ба чӣ кишваре меоянд.

Т. ИКРОМОВ,
ҳабарнигори «Овози тоҷик».

Афкори ҷамъиятӣ дар бораи анҷумани БТТУ дар Тошканд

Дар Ӯзбекистон сиёсате собиткадамона ба рӯи об бароварда мешавад, ки барои ба вучуд ояндаи иқтисодиёти бозоргонии ба иҷтимоиёт рӯёвард, мӯҳтадилии иқтисодиву молиявӣ нигаронда шудааст. Шакли ӯзбекии пешрафт, ки Президент Ислом Каримов таҳия намудааст, as ҷониби аҳли ҷаҳон эҳтирофу ҷонибдорӣ карда шуд, ки бо муноззамӣ, муносибати маҷмӯӣ ҳуб фикркардашудаву бобаркашаш ҳини муайян кардани тактика ва стратегияи ба рӯи об баровардани он фарқ мекунад.

Ба туфайли сиёсати иҷтимоиву иқтисодии мӯҳтадил, собиткадамӣ ва босамараш Ӯзбекистон ба эҳтиҷоҷи ҷомеаи ҷаҳонӣ as он ҷумла тавассути амиқ гардондани ҳамкорӣ дар доираи иттиҳодҳои байналхалқии иқтисодӣ мушарраф гардид. Дар бораи таъмини ҳамгароии Ӯзбекистон ба муносибатҳои ҳоҷагидории ҷаҳонӣ бисёр муассисаҳои байналхалқии молиявӣ, as он ҷумла Бонки Таҷдид ва тараққиёти Урупо ҳам as наздик кӯмак мерасонад. Ҷумҳуриятӣ мо соли 1992 узви баробарҳуқуқии он гардид. Дар мамлакатамон дигаргуниҳои иқтисодӣ бомуваффақият ба рӯи об бароварда мешавад ва онро саросари ҷаҳон эҳтироф мекунад. Дар Тошканд ҷузоронидани маҷлиси солонаи Шӯрои коргузорони БТТУ бо як тасдиқи далели мазкур мебошад. Ва он бешак барои Ӯзбекистон имконияти навро дар бобати намоиш додани иқтидори калони саромоягузориаш фароҳам меоварад. Ва он ба Ӯзбекистон боз as кадом чиҳат фоидаовар мегардад?

Ба мақсади фаҳмидани ин мақсад Маркази омӯзиши афкори ҷамъиятии «Ижтимоӣ фикр» дар пойтахт Тошканд ҳамапурсии очилонаро ғузаронд, ки аҳолии он as 2,5 миллион нафар беш ast. Ва он нишон дод, ки тошкандиён as ин мавқеи муҳим ва ҷонибдории воситаҳои ахбори оммавии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Хуршид Дӯстмуҳаммад суханронӣ карданд.

Зикр ёфт, ки дар вилояти Сирдарё ба масъалаҳои маъnavият, as он ҷумла пурзӯр гардондани таъсирбахшии воситаҳои ахбори оммавӣ диққату эътибори калон дода мешавад. Махсусан ин кор баъди ба вилоят омадани ҳокими нав ба куллӣ тағйир ёфта, самараи хуби ҳудро мебахшад. Дар вилоят алҳол 27 рӯзнома, 3 маҷалла рӯи чопро мебинад, ки шонздаҳтои он рӯзномаҳои ҳокимиятҳои вилоят, шаҳрҳо ва ноҳияҳо буда, боқимонда соҳавианд. Дар онҳо ба мавзӯъҳои ҳуқуқ, алалхусус саводнокии ҳуқуқии мардум диққату эътибор калон аст. Дар ин бобат as рукнҳои мухталиф моҳирона истифода мебаранд. Барои шавқовар шудани онҳо диққату эътибор пурзӯр гардидааст. Аз ин рӯ рӯ

9 май—Рӯзи хотира ва қадр

Зикри гузаштагон — эътибори ҳамзамонон

Агар саҳифаҳои таърихро варақгардон кунем, онро аз нуқтаи назари талаби замон, пеш аз ҳама мафкураи истиқлоли миллӣ таҳлил кунем, ба ҳақиқати ҳол сарфаҳм меравем. Пеш аз ҳама онро дарк мекунем, ки дар замони мустабид, сараввал замони шӯроҳо одамонро ба тоифаҳо ҷудо карда, якеро «одами худӣ», дигареро «душмани халқ» гуфта, давру даврон рондаанд. Яъне шиори «тақсим намову ҳукматро рон» волоият пайдо карда, як халқи томро, ба халқи том, як миллати томро ба муқобили миллати том гузошта, байни онҳо ҷанг андохта, ҳукмфармой кардаанду дар саҳифаҳои таърих ҳамчун «доғҳои сиёҳ» боқӣ мондааанду баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мо аз ҳақиқати ҳол бохабар мегардем. Дарк кардаем, ки бобову падаронамон, момову модаронамон, пайвандонамон дар размгоҳҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон на барои Сталин, на барои Давлати Шӯравӣ, ё дигар ғояи мафҳум, балки барои «Модар-Ватан, ёри азиз, деҳаи худ, барои озодии кишвари маҳбуби худ—Ӯзбекистон ҷон нисор кардаанд. Яъне онҳо дуродур аз Ватан зодгоҳи азизу ватани маҳбуби худ Ӯзбекистонро аз офати фашизм ҳимоя кардаанд».

Маълум аст, ки Ҷанги дуюми ҷаҳон дар таърихи инсоният набарди аз ҳама мудҳишу беранҳмона, ғоратгарона буд. Оташи он 61 мамлакати ҷаҳон ва 80 фоизи аҳолии саросари қитъаамонро ба доми худ гирифт. Ва ин ҷанги ниҳоят қаттолу ҳунин шаш сол давом карда, риштаи беш аз 50 миллион нафарро бармаҳал барканд. Офату ҷафои он ба Ӯзбекистон ҳам расида омад. Ва алҳол хонадонеро дарёфтан душвор аст, ки аз ин ҷанг орӣ монда бошад. Аксар оилаи ӯзбекистониён чун дигар халҳҳои бародари худ аз Осиёи Марказӣ бар асари ҷанг аз маҳрумият, ҷабру ситам осеб дидаанд. Фарзандони шуҷои ӯзбекистонӣ аз мудофиаи қалъаи қаҳрамони Брест сар карда то ҳимояи Маскав, набардҳои хунини Сталинград, Курск, то ба лонаш бурда расондани душмани қаттол намунаи беҳтарини фидокорӣ, ҷасорату матонат нишон додаанд. Аз ҳамин сабаб дар байни онҳо қаҳрамонҳо, соҳиби ордену медалҳои аз ҳама бонуфузи ҳамон замон ниҳоят сершуморанд ва дар бораи ҷасорату матонати онҳо бисёр асарҳо иншо гардидаанд, филмҳо офарида шудаанд, маълумотҳои сершумори бойгонӣ ҷамъ омадаанд.

Агар ба далелҳои мушаххас муроҷиат кунем, дар он сурат то чӣ андоза ҳузнангез будани онро пай мебарем.Солҳои 1941-1945 аз Ӯзбекистон як миллиону 433 ҳазор нафар ба размгоҳҳо роҳ пеш гирифтанд. Онҳо дар ҷабҳаҳои мухталиф ҷангида, то лонаи фашистон рафта расиданд. Вале ба беш аз 400 ҳазор нафари онҳо муяссар нагардид, ки то рӯзҳои Ғалаба рафта, боз ба дидори пайвандон расанд. Боз ҳазорон беному нишон гардиданд.

Акнун аз рӯи инсоф бигӯед, магар онҳоро сарбози номаълум гуфтан ин ҳақорати маҳз нисбат хотираи онҳо нест? Охир, ҳамагон хуб медонанд, ки қабри ана ҳамин фавтидагон дар маҳалҳои мухталифи ҷаҳон мебошанд, ба зиёрати онҳо хешу ақрабоянашон мераванд. Алҳол баъди рух додани офтоби истиқлол баъзе собиқ беному нишон гумшудагон ба дидори хешу ақрабо мерасанд ва сабаби ин қадар «хомӯш» мондани худро дар қонуну қоидаи сахти пештара маънидод мекунанд. Зикр менамоянд, на осудагии худ, балки хешу ақрабои худро фикр карда, ҳамин тавр «беному нишон» гардидаанд.

Чунки онҳо тазйиқу беҳрамии сиёсати мустабидро хуб медонистанд. Чунки маҳз сохти мустабид, тоталитарӣ моро барои маҳрум кардан аз хотираи таърихӣ, буридани решаҳои таърихӣ водор сохт, худшиносӣ, дарки таърихи хешро аз ҷумлаи вазифаи дуюмдарача ҳисобид, барои ба вуҷуд овардани як халқи том ҳаракат намуд, урфу одат, анъанаҳоямонро поймол сохт, ба омӯзиши забони бегона, урфу одатҳои бегона маҷбур сохт, ба мафкурае рӯ ба рӯ гардонд, ки ба даҷалона маҳв кардани арзишҳои ба халқамон хос нигаронда шуда буд. Аз ин рӯ рӯзҳоеро аз сар гузарондем, ки ҳатто барои рафта зиёрат кардани қабри волидону пайвандон меҳаросидем, даст ба дуо бурдан чӯрьат намекардем. Ба ҳайкалҳои барқади доҳиёни сохтаи тоталитарӣ саҷда мекардем, гулу гулчанбарҳо мегузоштем. Аз он ҷумла, ҳар як рӯзи иду сур ҳатман ба пояи мучассамаи доҳии синфи коргару деҳқонии ҷаҳон Ленин, қабри Сарбози номаълум гулчанбарҳо мегузоштем. Ҳатто ба сарбоз гуфтан метарсидем ва хатман солдати номаълум мегуфтем. Дар чунин лаҳзаҳо ба худ ҳатто савол намедодем, ки онҳо барои кишвари мо, ватани мо чӣ каромате нишон додаанд, чӣ корҳое кардаанд, ки мо рушд ёбем, пеш равем, ҳамчун миллату халқ ба камол расем. Чунки барои он ҳаҷ надоштем ва мабодо аз забони касе ин қабил суханон шунида шавад, ҳатман мошини ҷазодиҳии низоми мазкур ба кор даромада, ҳам ҷисман ва ҳам маънан маҳв мекард ӯро.

Дар ин бобат Рӯзи Ғалабаро ҳам ба ёд оварем, кофист. Онро ҳамчун иди умумиҳалқӣ қайд мекардем. Лекин касе мувофиқи таомуламон аз Куръони Карим ояте хонда, арвоҳи қурбоншудагонро шод намекард. Ҳамагон маҷбур будем ба даст қадаҳ гирем, хотираи онҳоеро ба ёд оварем, ки ҷони худро барои ана ҳамин ватан, ана ҳамин халқ нисор кардаанд. Магар он ва дигар расму ойинҳо ба урфу одати мусалмониамон созгорие дошт? Албатта, не. Аз ҳамин сабаб кӯр-кӯрона ба пояи Қабри сарбози номаълум дар зери садои мусиқӣ танҳо гулчанбарҳо мегузоштем ва аҳаллан боре аз худ намепурсидем, ки магар сарбоз ҳам номаълум мешавад? Охир, ҳар як инсон баробари ба дунё омадан ба худ номе мегирад, номи авлодиву номи падарӣ мегирад. Пас оё инсон, номи вай номаълум шуданаш мумкин аст?

Рости гап, барои фикр кардани он ҳуқуқ надоштем ва кӯр-кӯрона ба нишондодҳои Марказ ҳамроҳӣ мекардему дар дил нафрат доштем. Аммо барои озодона ифшо кардани мақсад чӯрьате надоштем. Чуноне ки дар боло гуфтем, ба он роҳ намедоданд ва мабодо рух диҳад, ҳамон шахс ҷазои сахт мегирифт, номаш аз ҳаёт тамоман рӯфта партофта мешуд.

Сарвари давлатамон аввалин шуда бо ташаббус ба майдон баромаданд ва таклиф пеш гузоштанд, ки Майдони Сурх ба ҳуд Майдони Истиқлол, майдони Сарбози номаълум бошад, ба ҳуд номи Майдони Хотира ва қадрро гирад, он тантанаи адолат, тантанаи адлу инсоф мебошад. Ҳамон вақт сарвари давлатамон маънои хотираву қадрро возеҳу равшан баён карда гуфта буданд: таҳти мафҳуми хотира мо ба ёд оварданӣ хотираи ниёкон, идома додани корҳои неки онҳоро мефаҳмем. Сифатҳои мазкур аз қадим ба халқи мо хос аст.

Миллате, ки хотира надорад, таъриҳи худро фаромӯш кардааст, ба қадри ниёкони худ намерасад, оянда надорад. Ҳақиқати мазкурро тамоми таъриҳи инсоният собит менамояд.

Қадршиносӣ ин маънои ба хотир овардан, эҳтиром зоҳир кардан, ёдбуди сазоворонаи ҳамватанонамоне аст, ки дар тӯли асрҳо кишвари маҳбубамон, озодӣ, истиқлолият, ҳаёти осудаҳолонаи халқамонро қаҳрамонона ва фидокорона ҳифз намудаанд.

Мо бояд нисбати онҳое қадршиносӣ зоҳир намоем, ки аз бисёр озмоишу душвориҳои ҳаёт гузаштаанд, ҳаёти худро ба хотири Ватан, ба хотири осмони соф қурбон кардаанд ва ба тамоми насли калонсолоне зоҳир кунем, ки имрӯзҳо дар байни мо ҳастанд».

Ғояи Рӯзи хотира ва қадр эълон гардидани 9 май дар сарвари мамлакатамон соли 1992 баъди як соли эълон гардидани истиқлолияти ҷумҳурият сар заданаш ба ҳамагон аён аст. Ҳамон сол масъалаи чӣ тавр таҷлил намудани идҳои мардумӣ дар ҷумҳурият ба миён гузошта шуда, дар байни онҳо 9 май ҳам буд. Қадами аввал дар бобати Рӯзи хотира ва қадр эълон гардидани иди мазкур аз эълон гардидани он ҳамчун Рӯзи ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон гузошта шуд. Баъдтар 9 маи соли 1997 сарвари давлатамон ба Қабристони бародарии пойтахтамон таширф оварда, ғояи тағйир додани номи Майдони Сарбози номаълумро пеш гузоштанд ва сабаби онро бо ҷузъиёташ фаҳмонда доданд. Ҳамин тавр дуру наздикамон баҳри озодӣ ва истиқлолияти ватани ҳеш—Ӯзбекистон муборизе бурда, ҷони хешро нисор кардааанд. Номи онҳоро аз лаҳҳаҳо, ки мувофиқи худуд, яъне шаҳри Тошканд, вилоятҳо ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ҷойгир шудаанд, аз назар гузаронда, амиқан ҳис менамоем, ки номи ҳар як сарбози ба набардгоҳ рафта дар қалби ворисони он, хешу пайвандон абадан маъво пайдо кардааст. Охир, ҳар қадоми онҳо як қисми халқи маҳбуби мо, миллати мо мебошанд.

Имрӯзҳо Майдони хотира, ҳайкали Модари мотамзада рамзи абадият ва матонату ҷасорати дирӯз, имрӯз ва ояндаи халқи мо гардидааасту онро касе инкор намекунад ва ба инкор кардан ҳуқуқ ҳам надорад. Ва он моро ба ҳушёрӣ даъват карда, водор месозад, ки ба қадри якдигар, пеш аз ҳама қадри бузургсолон бештар расем.

Э.ТУРДИКУЛОВ.

Абадият

Равшан аст, ки баъди Рӯзи хотира ва қадр эълон гардидани Рӯзи 9 май эътибор нисбати гузаштагони ҷоннисор дучанд афзуд. Ба ҳамин муносибат дар маркази вилояти Намангон низ бунёдкориҳои бемисл сурат гирифтанд. Аз он ҷумла, дар як гӯшаи ободи Боғи марказии истироҳати фарҳанги шаҳри Намангон туфайли ҳамдастии аҳолии вилоят «Майдони хотира» барпо гардид. Баробари он ин ҷо мучассамаи бошукӯҳи Модари мотамзада ҷомат рост намуда, ному насаби шаҳидони ҷанги хонумонсӯз сабт ёфта, Майдон рамзи абадият гардид.

Дар акс: *мучассамаи Модари мотамзада дар шаҳри Намангон.*

Аксбардор: Дултабой БӮТАЕВ.

Ба шарафи Рӯзи Хотира ва қадр

Дар Кенгаши Марказии Бунёди ҷонибдории иҷтимоии собиқадорони Ӯзбекистон «Нуроний» шабнишинӣ бахшида ба 9 май-Рӯзи Хотира ва қадр ба амал омада, дар он собиқадорони ҷангу меҳнат иштирок намуданд.

Дар тадбир, ки таҳти сарпарастии раиси Кенгаши Марказӣ Эркин Боқибоев гузашт, зикр гардид, ки бо ташаббуси сарвари давлатамон Рӯзи хотира ва Қадр эълон гардидани 9 май воқеаи муҳим дар мамлакат, ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии халқ гардид. Зикр гардид, ки ба собиқадоронамон мунтазам эҳтирому эътибор, аз ҷониби давлат бошад, ғамхории махсус зоҳир карда мешавад. Имрӯзҳо намояндагони насли калонсолон дар ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурият тарбияи ҷавонон фаъолона иштирок мекунанду дар мустаҳкам кардани ҳисси онҳо нисбати муҳаббат ба Ватану халқ ва садоқатмандӣ ба ғояҳои истиқлол саҳм мегиранд.

Иштирокдорони тадбир-намояндагони собиқадорони вилоятҳо ба шаҳри Тошканд дар Майдони Хотираи пойтахт шуданд ва ба пояи мучассамаи Модари Мотамзада гулдастаҳо гузоштанд.

Намояндагони насли калонсол ҳамчунин дар Осорҳонаи давлатии таъриҳи Ӯзбекистон ҳам меҳмон гардиданд. **(ӮзА).**

Ёдбуд

Адиб ва инсони асил

Рӯзҳои ид одамони некро ба ёд мегирем. Касе имрӯз дар байнамон ҳасту фардо нест. Умр чун оби равон мегузарад. Ҷевони китобҳоро аз назар мегузаронаму китобҳои бароям азиз «Олтин зангламас», «Жаннат қидирганлар»-ро ба даст гирифта, дастҳати марди ҳалиму хоксор ва меҳрубон Шӯҳрат акаро аз назар гузаронида ба олами андеша меравам.

Рӯзҳои тафсони тобистон. Соли 1969 Шӯҳрат ака бо ҳамсарашон Турсунойапа, духтарашон Зебо ба Чуст омаданд. Камина онҳоро самимона пешвоз гирифта боғи фарҳанг ва истироҳати ба номи Мавлоно Лутфуллоҳро зиёрат кардем. Вақти зиёрат устод аз оби шаффофи чашмаҳо нӯшида, аз табиати дилфиреби боғ баҳра бардоштанд.

Рӯзи дуввум роҳи деҳаи зебоманзари Чуст — Ғоваро пеш гирифтем. Дар мактаб-интернати Ғова ҷой ҳозир карда, устодро ба истироҳат даъват кардам. Мо, занон, ба сайри манзараҳои табиат рафтем.

Адиб дар соҳили Ғовасой ба ҷорӣ шудани об ва гулҳои шукуфон бо ҳайрат чашм дӯхта ғарқи хаёл шуданд ва гуфтанд: манзараҳои табиат, оби шаффофи Ғовасой ба камина илҳом мебахшад. Акнун ҳар сол меоям, ин ҷо зиёратгоҳи басо дилфиреб будааст.

Шӯҳратака инсони меҳрубонанд. Бо чунин марди хоксор зиндагӣ кардан хуш будагист,— рӯ овардам ба Турсунойапа. Оре, Ғулом-акатон марди ҳалиму дилкашанд. Мефаҳрам, ки чунин инсон ҳамсарам аст,—гуфтанд Турсунойапа табассумкунон. Камина фаҳмидам, ки номи Шӯҳратака Ғуломҷон, фамилияашон Олимов, Шӯҳрат тахаллусашон будааст.

Онҳо аз зиёрати Чуст хурсанд шуданд. Боғи фарҳанг ва истироҳати ба номи Мавлоно Лутфуллоҳ ба устод писанд омад. Устод бо фахр ба забон оварданд, ки Чуст диёри Муҳаммадшариф Сӯфизода, Сотим Улуғзода, Зафар Диёр, Чустӣ, Йӯлдош Шамшаровҳо аст. Ва бо як олам завқ ба Тошканд баргаштанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

Ба муносибати 100-солагии зодрӯзи Ғафур Ғулом

Вассофи ҷасорати маънавӣ-ахлоқии халқ

Президенти Ӯзбекистон И.А.Каримов дар асари худ «Ӯзбекистон: роҳи худии азнавсозӣ ва пешрафт» таъкид кардааст, ки «маънавиёт ҳамон меваи нодир аст, ки дар халқи қадиму ҷавони мо дар алоқамандӣ бо руҳияи озод парастӣ ва дарки истиқлол дар оилаи бузурги Башарият ташакул ёфтааст. Маънавиёт ба инсон ба воситаи шири модар ва ибрати падар, насиҳати ниёгон мегузорад...Маънавиёт, агар ба дарки амиқ ва аҳамияти он такя намояд, ба қувваи тавоно тадбил меёбад. Зимни ручӯъ кардан ба таъриф бояд онро дар назар дошт, ки вай хотираи халқ аст. Мисли оне, ки бидуни хотира шахс инсони комил нест, халқе ки аз таъриҳи худ бехабар аст, оянда надорад». Барои ҳамин ҳам таъриҳи даврои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ-тарихи халқи мо, Ватани мост. Ана дар ҳамин ҷанги хонумонсӯз халҳҳои Ӯзбекистон ҷасорати бузурги маънавӣ-ахлоқӣ нишон доданд. Аз Ӯзбекистони ҷонаҷони мо як миллиону 433230 нафар ба ҷанг сафарбар карда шуданд. Аз онҳо 263005 кас ҳалок гардид, 132670 нафар бедарак гум шуданд, 60452 нафар маҷрух шуда ба Ватан баргаштанд. Аз ҳама даҳшатноктаринаш—200 ҳазор писару духтарони ятим (саҳир) мондаи рус, украин, белорус, латиш, эстон, поляк, яҳудӣ, немисро Ӯзбекистон ба оғуши худ гирифт. Соли 1942-юм 2 январ маҷлиси занони фаъоли Тошканд ба тамоми занону духтарони ҷумҳурият барои ба писарону духтарони саҳирмондаи ба ҷумҳуриятамон овардашуда ғамхорӣ намудан «Мурочиатнома» қабул намуд. Оилаи Шоислом Шомаҳмудов—14 нафар, Бахрихон Аширхоҷаева бошад—7 нафар фарзандони гуногунмиллатро ба оғуши худ гирифтанд.

Аз таъриҳ маълум аст, ки шоири мардумӣ Ғафур Ғулом ҳам дар қатори вакилони ҷамоатии Тошканд дар вокзал саҳирбачагонро пешвоз гирифт ва баъдтар барои тасалло додан шеъри «Ту ятим нестӣ»-ро навишт, ки дар он чунин сатрҳо садо медиҳанд:

Ту ятим нестӣ,
Ором шав, ҷигар!
Меҳрубон чун хуршед,
Ватанат бошад,
Бурдбор чун замин,
Меҳнаткаш, мушфик,
Сахӣ халқат ҳаст—
Ба ҷои падар!

Шоира Светлана Сомова дар хотираҳои худ қайд намудааст: «Ту ятим нестӣ» бори аввал 27 апрели соли 1942 бо тарҷимаи ман дар рӯзномаи «Правда» дарҷ гардид ва ман дар назди ҷанговарони камонаи Орловск-Курск дар болои мошина истода, сухан рондам ва «Ту ятим нестӣ!»-ро қироат намудам. Ҷанговарон мошини моро печонда гирифтанд. Нохост як майори мӯйсафед ба болои мошин баромада, дастони маро маҳкам фишурда, маро оғӯш гирифт ва бо чашмони гирёлуд рӯзномаи «Правда»-ро, ки дар он «Ту ятим нестӣ!» ҷоп гардида буд ва инчунин мактуби аз Ӯзбекистон бо суратҳо писараш—Коля Сергиенкоро ба дастони ман гузошта гуфт:

—Ҳамсари ман дар шаҳри Харков аз дасти фашистон ҳалок гардид. Писарам бедарак гум шуд. «Ту ятим нестӣ!»-ро хонда, ба Ӯзбекистон мактуб навиштам ва ниҳоят мактуби ҷавобӣ гирифтам. Шоири ӯзбек Ғафур Ғулом: «Писарат дар хонаи ман аст, ман падари ӯ мебошам!» гуфта навиштааст. Ман аминам, писарам зинда аст, сурат ва мактуби ӯро гирифтам, гуфт». (А.Акбаров. «Ғафур Ғулом», Т.1974, саҳ.206).

Баъди 24 соли навишта шудани «Ту ятим нестӣ!» Ғафур Ғулом нақл карда буд:— ...Шумо, албатта, дар бораи оҳангари машҳур Шоаҳмад Шомаҳмудов шунидаед, ки бо завҷааш 14 нафар ятимони ҷангро, ки ба Тошканд фиристода буданд, гирифта тарбия намудааст. Ба қариби дар ким кӯҷо баромад карда гуфтааст, ки ман ятимонро баъди хондани шеъри ман «Ту ятим нестӣ!» гирифтам. Ман ба ин суханон мамнун гардидам, аммо онҳоро рад намудан лозим мааед, зеро воқеа баръакс рух дода буд.



Дар яке аз рӯзҳои зимистони аввали ҷанг ба таҳririяти рӯзномаи ҷумҳурӣ даромадам. Ба ман дар бораи Шомаҳмудовҳо нақл намуданд. Ман дилтанг шудам. Бо баробари дилсӯзӣ дар ман азоби ятимии гузаштаи худам ба вуҷуд омад ва маро водор намуд, ки «Ту ятим нестӣ!»-ро нависам. (А.Акбаров «Ғафур Ғулом», Т.1974 с.200-201).

Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов қайд кардааст: «Ӯзбекистон минбаъд бо роҳи анъанаҳои беҳтарини тамаддуни Шарқ пеш рафта, дарвозааш барои меҳмонону дӯстон ҳамеша боз аст. Онҳое, ки ҷилои Ватан намуда, аз зодгоҳи худ маҳрум гаштаанд, ҷабри ҷангу таҳқиботро кашидаанд, ҳамеша дар хонаи ӯзбек макон ёфта, ғамхории онро эҳсос намудаанд. «Ту ятим нестӣ!» дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ин суханони самимӣ нисбати бачагоне, ки аз падару модар ва хонаи азизашон маҳрум шуда буданд, аз қалби ҳар як ӯзбек садо медод».

Чунин буду чунин аст ҷасоратро намедонад.

Юсуф ВАЛИЗОДАИ ДАРБАНДӢ,
мудири кафедраи «Назария ва амалиёти сохтмони ҷомеаи демократӣ дар Ӯзбекистон», дотсенти Донишгоҳи давлатии Тирмиз.

Ғафур Ғулом ва адабиёти тоҷик

Истеъдоди бой ва пурсамари Шоири мардумии ӯзбек Ғафур Ғулом аз сарчашмаҳои эҷодиёти даҳонакии халқ, адабиёти Шарқ, дастовардҳои беҳтарини ниёгон илҳомбахш гардида, сабаққои ҳанӯз дар овони хурдсолӣ дар оила гирифтааш минбаъд барои рушду камоли эҷодии ӯ кӯмаки калон расонидааанд. Дар ин хусус вай овони бачагии худро ба ёд оварда нависта буд: «Модарам китобҳои ӯзбекӣ ва тоҷикиро хонда, маънидод карда метавонист. Худаш низ ҳаваскори шеърият буду дар оҳангҳои халқӣ шеърҳо мегуфт. Аз онҳо махсусан марсияи ба вафоти падарам гуфтааш ҳанӯз аз гӯшам нарафтааст...»

Адиби оянда дар нӯҳсолагӣ соҳиби хату савод гардид, минбаъд пайваста дар баҳри беканори эҷодиёти Навоӣ ғарқ гардида, ба эҷодиёти Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил барин адибони мумтози форсу тоҷик бо ихлоси баланд таваҷҷӯҳ намудааст, ки худи вай дар ин бобат чунин навиштааст: «Ман шоири Шарқ ҳастам. Аз ин рӯ тамоми шоирони мумтози Машриқзамин хешовандони мананд. Онҳо—падари назми форс—Абу Абдулло Ҷаъфар бинни Абдурахмон бинни Одам Рӯдакӣ, ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, ҳакими Умар Хайём, Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ, Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрав Деҳлавӣ, Абдурахмон ибни Аҳмад Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Муҳаммад Фузулӣ ва дигаронанд.

Маро мероси онон ва анъанавии эшон тарбият кардааст. Ҳанӯз овони дар ғаҳвора хобиданам модарам маро бо ғазалиёти Ҳофиз, Ҷомӣ ва Фузулӣ алла мегуфт. Табиист, ки асарҳои онҳо бо шири модар ва хуни ман пайваста, ба ҷисму руҳам сайқал додааст. Чунон ки Ҳофиз гуфтааст:

Ишқи ту дар вуҷудаму
меҳри ту дар дилам,
Бо шир андарун шуду
бо ҷон бадар шавад».

Ин гуфтаҳо аз мақолаи Ғафур Ғулом, ки бо унвони «Шоир ва мутафаккири бузурги Шарқ Абдурахмон ибн Аҳмади Ҷомӣ» таълиф шудааст, оварда шудааанд. Аз худи ҳамин порча низ равшан ба назар мерасад, ки Ғафур Ғулом дар тамоми фаъолияти эҷодии худ ба назми ғании форсу тоҷик ва офарандагони он чӣ гуна эҳтироме доштааст. Пайваста бо ин вай дар дигар мақолаҳо ва баромадҳои худ низ нисбати намояндагони адабиёти мумтози форсу тоҷик суханони пур аз эҳтиром вирди забон намудааст. Вай Рӯдакӣ, Ҳофиз, Хайём, Бедилро бо самимияти хосса номбар карда, онҳоро шоирони умумбашарӣ меdonад. Аз ҷумла, ӯ дар «Муносибатҳои таъриҳӣ» ном мақолаи худ шоир ва олимони форсу тоҷик Наршахӣ, Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хайём, Хисрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Абдурахмони Ҷомиро ёдрас намуда, барои тасдиқи афкори худ аз ашъори онҳо мисолҳо меорад.

Аз ҷумла, рубоии зерини Умари Хаёмро хуб таҳлил намудааст:

Бар санг задам дӯш
сабӯи кошӣ,
Сармаст будам,
ки кардам ин авбошӣ.
Бо ман ба забони ҳол
мегуфт сабӯй:
«Ман чун ту будам, ту низ
чун ман бошӣ».

Вай устоди жанри рубоӣ будани Умари Хайёмро чунин маънидод мекунад: «Гарчанд аксар шоирони забардасти Шарқ: Маҳсатии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Салмони Совачӣ, Абдурахмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммади Бобур, Фузулӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигарон ҳама дар ин роҳ заҳмати зиёде кашида машқ кардаанд ва ҳар яке дар рубоиёти офаридаи худ аз уфуқҳои истеъдод ҷаҳони маъниҳоро гирифта бошанд ҳам, лекин аз Хайём гузашта натавонистаанд».

Ғафур Ғулом адибе буд, ки ҳам дар назм ва ҳам дар наср ҳариф дар як меъёр маъруф гардидааст. Бахусус, ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва латифаҳои вай аҳамияти худро дар рӯзҳои мо низ ҳам накардааанд. Дар ин қабил асарҳои ӯ низ муроҷиат кардани адиб ба эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик, асарҳои адибони мумтози форсу тоҷик равшан ба назар мерасанд. Вай чунин порчаҳоро бештар ба тариқи эпиграф (пешсухан) дар асарҳои худ истифода мебарад. Чунончӣ, дар минотури «Дар ҳаққи созандаҳои сакалту» меоварад: **Пул агар нест, ошной нест, Ошной мураккаб аз пул аст.**

Бамаврид овардани зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикояҳо низ ба назар мерасанд.

Аз ин гуфтаҳо равшан ба назар мерасад, ки Ғафур Ғулом бо эҷодиёти бои даҳонакии халқи тоҷик низ ба хубӣ шинос будааст ва мазмуну моҳияти ҳар яки онҳоро дуруст дарк кардаву бамаврид истифода ҳам мебурдааст.

Ин маъниро дар асарҳои илмӣ ва мақолаҳои публисистии Ғафур Ғулом низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла порчаи зерин, ки аз «Муҳаббат ба илм» ном мақолаи вай оварда шудааст, далели фикри мо шуда метавонад:

«Маъноҳое ки дар ин китоб иншо шудааст гӯё ҳар яке чашмаест:

Тарбият қилган билан
ноасл бўлмас одами,
Ипни юз алвон билан
ранг этсалар бўлмас ипак»

«Хари Исоро гараш ба Макка баранд, чун биояд ҳанӯз хар бошад». Яъне: такомил дар фитрат азалист. Касеро ки дар тинаташ нест, тарбият кардан бефоида. Ояндаи бачагон—бо феъли атвори ҳозираашон чен карда мешавад»—гӯён насиҳат мекард...

Дар солҳои 20-уми асри гузашта эҷодиёти Ғафур Ғулом дар муҳити адабии Самарқанд, ки сарвараш устод Айнӣ буд, ташаккул ёфт. Вай аз ин устоди бузург, ки барои равнақи адабиёти тоҷику ӯзбек баробар заҳмат мекашид, сабақ гирифта, пайваста бо адибони тоҷик ошной пайдо намуд. Сонитар ин ошной ба бародарӣ табдил ёфт, самараҳои зиёде бахшиданд, ки он дар мактубҳои ҷудогона, мақолаҳои ба устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода бахшидаи Ғафур Ғулом инъикоси худро ёфтааанд. Ба ин маънӣ Ғафур Ғуломро донандаи хуби адабиёти муосири тоҷик, дӯсти наздики он гӯем муболиға намешавад. Зеро дар ин мактубу мақолаҳо масъалаҳои муҳими адабиёт бамаврид вирди забон шудааст. Чунончи дар мактуби табрикие, ки ба унвони «Ба иштирокчиёни тантанаҳои ҷашнвораи 80-солагии Садриддин Айнӣ» ирсол шудааст, чунин суханони пур аз меҳру самимият навишта шудаанд:

«Ман бо ин ифтихор дорам, ки як даста номаҳои ба унвони ман навиштаи устод, шеъру достонҳо, ҳуҷҷату суратҳои дар хонаи ман маҳфузбуда имрӯз осорхонаи адабиёти Академияи Фанҳои Ӯзбекистонро зеб медиҳанд. Дар рӯзҳои наздик ман аз онҳо нусха бардошта ба Тоҷикистон мефиристам.

Ман бо он ифтихор дорам, ки устод ҳар бори ба Тошканд омаданашон ба хонаи ман ҳамчун ба хонаи худ таширф меоварданд. Ман ҳам дар навбати худ ҳар боре, ки ба Самарқанд ва ё Душанбе равам, хонадони устодро зиёрат мекардам, аз он кас дарс меомӯхтам.

Дар ин ҷо шояд дӯстони ман Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Деҳотӣ, Суҳайлӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Ҷалол Иқромӣ, Камол Айнӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва дигарон бошанд. Дӯстии наздики адибони ӯзбеку тоҷик ҳамчун дӯстии устодонамон Ҷомӣ ва Навоӣ самимӣ ва безавол аст. Ривоҷи ин дӯстӣ орзуи ман аст.

Поянда бод, халқи тоҷик, ки Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Носири Хисрав, Камоли Хуҷандӣ, Садриддин Айнӣ барин классиконро ба воя расонидааст!»

Ғафур Ғулом дар мақолаи «Дӯстамро ба ёд меорам», ки ба ёди Абулқосим Лоҳутӣ бахшида шудааст, таъриҳи дӯстии худро бо ин шоири Тоҷикистон варақ мезанад ва мубоҳисаву мунозираҳояшро бо ӯ дар хусуси адабиёт ёдовар мешавад.

(Давомаш дар саҳ.4)

Зикри хайр

Чанде қабл пас аз бемории дурудароз яке аз олимони боистеъдод, номзади илми санъатшиноси, дотсент Ҳоҷӣ Сотимхон Инъомхўҷаев дар синни 64-солагӣ аз олам гузашт. Сотимхон пас аз хатми мактаби миёна дар зодгоҳаш—деҳаи Варзики ноҳияи Чуст ба Институти давлатии театр ва рассомии Тошканд дохил мешавад. Шўъбаи режиссёрии институтро бомуваффақият хатм намуда, фаъолияти илмию педагогии худро ҳамчун муаллим дар ҳамин институт оғоз менамояд.

Дар кафедраи Маданияти нутқи институти мазкур дар лавозими муаллим, муаллими калон ва пас аз ҳимояи рисола ҳамчун дотсент ифои вазифа намуд. Дар кафедраи этика, эстетика ва дизайни Донишгоҳи техникии Тошканд кори илмию эҷодиашро давом дод. Китобҳои таълифнамудаи олими санъатшинос «Асосҳои хониши бадеӣ», «Асосҳои санъати нутқ», «Асосҳои хониши ифоданок» ва ғайра дастури рўи мизии донишҷўён, олимон ва кормандони соҳаи фарҳанг мебошанд. Ғайр аз ин Ширкати табъу нашри «Армуғони Сотимхон»-ро ташкил дода, садҳо китобҳои илмию оммабобро ба хонандагон армуғон намуд. Солҳои 1997-99 ҳамчун раиси Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно» бо маркази байналмилалии фарҳанги ҳамкорӣ намуд. Ҷиҳати дўстии халқҳои ўзбек ва тоҷик бисёр тадбирҳо гузаронд. Бо матбуоти даврӣ сару кор дошт. Барои сохтани барномаҳои радио-телевизион аз наздик кўмак расондааст. Сотимхон чандин сол узви ҳайати таҳрири рўзномаи «Овози тоҷик» буд. Ў дар дил нақшаю орзуҳои фаровон дошт. Умед аст, ки фарзандон, бародарон ва шогирдонаш онҳоро амалӣ хоҳанд намуд. Агар андешаҳоямонро дар бораи ин инсони шариф хулоса кунем, ба хотири отирамон байти зерини Шайх Саъдӣ мерасад, ки гўё дар ҳаққи ўст:

Давлати ҷовид ёфт ҳар кӣ накўӣ зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

Холназар ЎРОЛЗОДА.



Шодбошӣ!

Азизони мо, Ҳамрокул Кенҷаев ва Абдулло Тўйев!

Шуморо бо ҷашни Рўзи хотира ва қадршиносӣ, ҳамчунин бо санаҳои мавлудатон, ки ба ин айёми басо мубораку шариф иттифоқ афтодааند, самимона табрику шодбош мегўем.

Ба Шумо аз даргоҳи Худованди карим тани сиҳҳату рўзгори бофарогатро таманно менамоем. Умеди он дорем, ки солиёни зиёде моро бо панду андарзҳои нек ва ибрати шахсӣ дар рўзгор дастгириу мададгор хоҳед буд.

Бо эҳтиромі тамом , аз номи фарзандон ва хешовандон Раҳимшоҳи Шарифзода, ноҳияи Мирзочўли вилояти Ҷиззах.



Адиб ва инсони асил

(Аввалаш дар саҳ.3)

18 маи соли 1971 Шўҳратака моро ба ҷашни 50-солагии зодрўзашон даъват карданд. Мо ҳамроҳи Нозимахон Хўҷаева ва Маҳҳаматхон Насруллаева рафтем. Дар театри «Ёш гвардия» бахшида ба эҷоди Шўҳратака шабнишинӣ барпо гардид. Дар гирдиҳамоӣ аз рўзгор ва эҷоди Шўҳратака номзади илмҳои филология Умаралӣ Норматов, нависанда Комил Яшин ва дигарон ҳарф заданд. Сипас асари саҳнавии «Беш кунлик куёв»-ро тамошо кардем. Ва бо як гурўҳ меҳмонон ба хонаи Шўҳратака рафтем.

Дар гирди дастархони пурнеъмат ҷашн идома ёфт. Адибон Комил Яшин, Туроб Тўла, Аскад Мухтор, Эркин Воҳидов соҳибҷашнро табрик гуфтанд. Санъаткорони хушсалиқа Ориф Алимахсумов, Коммуна Исмоилова, бародарон Ваҳҳобовҳо бо суруду мусиқа табъи ҳозиронро хуш сохтанд.

Устоди сухан, адиби шинохта Шўҳратака соли 1993 дунёи фониро падруд гуфтанд. Соли 2001 ҳамсарашон Турсуной ҳам вафот карданд. Камина ба Тошканд рафта қабри ҳар дуяшонро зиёрат кардам. Писарашон Бобурҷон дар хусуси падар навиштааст:— Падарам ҳарчанд Нависандаи халқии Ўзбекистон бошанд ҳам, асарҳои офаридаашон бо душвориҳо рўи чопро медид. Вале аз ин дилгир нашуда эҷодро давом медоданд. Он кас мегуфтанд:« ба сарат шамшер ояд ҳам, рост гап зан. Чунки сухани ростро Оллоҳ ҳам мепазирад».

Воҳўрӣ ва мулоқотҳо бо Шўҳратака як умр бо ман хоҳанд монд. Ифтихор дорам, ки аз чунин инсон панди ҳаёт омўхтаам.

Олиябону Камолова, шаҳри Чуст.

Ғафур Ғулом ва адабиёти тоҷик

(Аввалаш дар саҳ.3).

Мақолаи Ғафур Ғулом, ки ба шарафи 50-солагии зодрўзи Мирзо Турсунзода навишта шудааст, «Ба шоири бузурги Шарқ» номида шудааст. Дар он вай эҳтироми бузурги нисбат ба ин дўсти қадрдонаш доштаи худро аз чумла чунин изҳор мекунад: «Мирзо Турсунзода санъаткори моҳир аст. Дар шеърҳои вай ман фалсафаи чуқур, романтикаи ҷозибанок, забони образнок ва моҳияти баланди сиёсӣ, ҳозирҷавобиро, ки дар шеърияти Рўдакӣ ва Фирдавсӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ, Ҷомӣ ва Навоӣ барин шоирони Шарқ хосанд, мушоҳида менамоям».

Беҳуда нест, ки бисёр асарҳое, ки аз ҷониби Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом офарида шудааند, ҳамоҳанگанд. Махсусан он дар ашъори ватандўстона, тараннуми мардуми меҳнатӣ бахшидаи онҳо равшантар ба назар мерасанд

Ғафур Ғулом донандаи хуби забони тоҷикӣ ҳам буд. Вай дар асарҳои худ аз калимаву ибораҳо ва ҳатто чумлаҳои тоҷикӣ низ бамаврид истифода намудааст. Инро чи дар асарҳои шеърӣ ва чи дар ҳикояву қиссаҳои ў дучор омадан мумкин аст. Чунончӣ, дар қиссаи «Бачаи шум» саволу ҷавоби байни Бачаи шум ва саррофи ҳинд чунин рух медиҳад: (бо мақсади ифодаи фикр порчаро айнан меорем):

«Кечагӣ кайф-суҳбатлардан кейин сарроф ҳинди ҳам Ҳожи бобо сингари меҳрибончилик билан ёнига чақирди:

—Ин ҷо биё, бачам, чӣ тавр ҳастӣ, бемор нестӣ?

—Шукр, соғман.

—Ба чӣ парешон менамоӣ?

—Бо тараддуди саёҳати Ҳиндустон парешонам,—деб ҳазиллашдим. Ҳар иккаламиз кулишдик».

Маълуми ҳамагон аст, ки Ғафур Ғулом ҳамчун тарҷумон низ дар таъриҳи фарҳанг саҳми арзанда гузоштааст. Вай дар хусуси аз адабиёти халқҳои гуногун, ки аз чумла адабиёти тоҷик тарҷумаҳо карданаш дар «Тарҷумаи ҳоли худ» ҳам таъкид кардааст: «Аз забонҳои русӣ, гурҷӣ, тоҷикӣ (таъкид аз мо—А.К.), озарӣ, тоторӣ, туркманӣ тарҷумаҳо кардаам...»

Ҳангоме ки куллиёти мукаммали Ғафур Ғулом, ки дар 12 ҷилд нашр шудааст, варақ мезанем, шоҳиди он мегардем, ки вай аз ҳама бештар аз шоирони тоҷик, аз чумла Рўдакӣ, Саъдӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бедил, Мирзо Турсунзода ва дигарон тарҷумаҳои зиёде кардааст. Дар ин тарҷумаҳо вай масъулияти баланди тарҷумон ва шоирро ҳис намудааст, ки таҳлили мукаммали онро ба мавриди дигар мегузорем.

Ҳаминро низ бо камоли мамнуният бояд қайд кард, ки бисёр асарҳои Ғафур Ғулом низ ба тоҷикӣ тарҷумаву нашр шудааند. Аз чумла, қиссаҳои «Ёдгор», «Бачаи шум» як қатор ҳикоя ва мачмўаҳои шеъру достонҳои Ғафур Ғулом барои хонандагони тоҷик гаштаву баргашта нашр мешаванд. Дар барномаҳои таълимӣ аз адабиёт барои мактабҳои тоҷикӣ қайҳост, ки ҳаёт ва эҷодиёти Ғафур Ғулом дохил карда шудааст.

Ба як маънӣ Ғафур Ғулом низ барои хонандагони тоҷик «адиби худӣ» гардидааст. Ҳаҷ ҷониби ўст, ки дар таъриф дўстиву бародарии халқҳои тоҷику ўзбек мегўяд: «Халқҳои ўзбек ва тоҷик ҳамчун ду мағзеянд, ки дар як пўст ғунҷидаанд ва гўё як халқи ба ду забон гуфтугў кунанда ҳастанд. Санъат, адабиёт ва фарҳанги ин ду халқ байни ҳам мероси муштарак буда, дорои анъанаҳои қадимӣ мебошанд. Агар бинокори ўзбек хонаи тоҷикро созад, нақшаи тоҷик хонаи ўзбекро нақш додааст. Оҳангҳои Шашмақомро тоҷик аз забони Мулло Тўйчӣ шунида, чӣ андоза завқ барад, ўзбек онро дар иҷрои Содирхони Ҳофиз шунида роҳат мекунад...»

Имрўзҳо, ки аҳли илму фарҳанги Ўзбекистон 100-солагии зодрўзи ин адиби бузург ва донишманди адабиётро мутантан ҷашн мегиранд, барои ҳар як дўстдори каломи вай, аз чумла хонандаи тоҷик низ қаноатмандӣ аз чунин поси хотир аст.

Аслиддин ҚАМАРЗОДА, устоди Донишгоҳи Давлатии Самарқанд.

Муҷассамаи ҳунарвар дар Оҳангарон

Дар мактаби санъати шаҳри Оҳангарон ба таври мутантан муҷассама ба ҳунарвари номдор, иҷрогари машҳури сурудҳои эстрадии солҳои 60-70-уми садаи гузашта Ботир Зокиров кушода шуд.

Ба маросими кушоиши он пайвандон ва дўстони ҳунарвари мардумӣ, арбобони намоёни соҳаи санъати Ўзбекистон, ононе, ки шахсан бо ў шинос буданду якҷоя кор карданд, омаданд. Онҳо хотироти худро дар хусуси ин инсони соҳибистеъдод, ки изи фаромўшнопазирро дар ҳаёти сиёсиву мусиқии ҷумҳурият гузоштааст, нақл карданд.

Минбаъд мактаби санъати шаҳри Оҳангарон ба худ номи Ботир Зокировро мегирад. Бояд тазаккур дод, ки дар мактаби мазкур барои азбар намудани сирру асрори санъат кулли шароит фароҳам оварда шудааст.

Муҳассилини мактаби мазкур хотираҳои ситораҳои санъати Ўзбекистон Фаррух Зокиров, Икром Акбаров, Энмарк Солеҳов, Бахтиёр Ихтиёров, Мансур Тошматов, Ҳайрулло Саъдиевро бо мароқ шуниданд. Чунки аксари онҳо бо Ботир Зокиров шахсан шинос буданду аз ў нозукиҳои санъатро омўхта, баъдтар дар олами санъати ҷумҳурият шўҳратёр гардидаанд.

Баъд дар Варзишгоҳи марказии «Сементчӣ» консерти калони дастаи ҳунарии «Ялла» ба амал омад. Дар он ҳамчунин ҳунарвари театри оперетта Акмал Саидов, ҳунарвари мардумӣ Мансур Тошматов сурудҳоеро иҷро карданд, ки онро Ботир Зокиров бо мамнуният ва маҳорати баланд сароидааст.

Ғ.БЕКНАЗАРОВ.

Ҳайкали абадӣ



Устодону омўзгорон ҳамеша дар ҷомеа мавқеи муҳим доранд. Инсони комил ва аз чиҳати маънавӣ солим ба воя расидани авлоди наврас ба заҳмати омўзгорон вобастааст. Устодоне кам нестанд, ки ҳастии хешро баҳри таълиму тарбия намудани шогирдон бахшидааند. Мазмуни ҳаёти худро дар ҳамин мебинанд. Ва шогирдон дар навбати худ заҳмати чунин устодони фидоиро қадр намуда, чун падару модари худ эҳтиромаш мекунанд.

Устод Назар Неъматов аз ҳамин қабил устодони фидоӣ буданд, ки беш аз 30 соли умри худро дар мактаби рақами 9-и деҳаи Навободи ноҳияи Бўка баҳри таълиму тарбияи ҳамдеҳагон сарф кардаанд. Сад афсўс, беш аз як сол аст, ки дар ҳалқаи ҳамкасбону шогирдон ҷои он кас холист. Ҳеҷ як сокини деҳаи Навобод ба марги ин марди хирад, устоди меҳрубону ғамхор бовар кардан намехоҳад...

Устод Н.Неъматов шахсе буданд соҳиби донишу фарҳанги бузург, дарёдил, беозор, меҳнатдўст, меҳрубон ва ғамхори шогирдон. Бо ибораи дигар гўем, дорои тамоми хидматҳои ҳамидаи инсонӣ буданд. Ва маҳз тавассути ҳамин хислатҳо дар дили навободиён маъво пайдо кардаанд, ки имрўз он касро бо некӣ ёд мекунанд.

Умр барои ҳар як инсон як бор дода мешавад. Касоне, ки ҳамин умри амонатдодаро ба нафъи мардум, барои пешрафти ҳаёт сарф мекунанд, дар қалби атрофиён ҳайкали абадии худро мегузоранд. Ва номи онҳо ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотирҳо зудуда намешавад. Устод Н.Неъматов ба пуррагӣ аз ўҳдаи ин кор баромада тавонистанд.

Имрўз шогирдони устод дар ҷабҳаҳои гуногун кору фаъолият мебаранд, дар соҳаи таълиму тарбия низ. Аксарияти омўзгорони имрўзаи мактаби деҳа тарбияи устодро гирифтаанд.

Устод Н.Неъматов соли 1942 дар деҳаи Валғонти ноҳияи кўҳистони Мастчоҳи вилояти Суғди Тоҷикистон ба дунё омадааند. Пас аз ба замини Дилварзин кўчида омадан солҳои 1959-1963 дар омўзишгоҳи кишоварзии шаҳри Ленинобод (Хуҷанд) таҳсил кардааند.

Дар он айём барои мардуми навмуҳоҷири деҳаи Навобод омўзгор чун обу ҳаво зарур буд. Барои тарбияи кўдакон омўзгор намерасид. Устод Н.Неъматов тарбияи кўдаконро аз тарбияи растанӣ афзалтар шуморида, бо чанде аз ҷавонони деҳа ба таълиму тарбияи онҳо камар бастанд. Баробари таълиму тарбия додани кўдакон солҳои 1969-1974 шўъбаи ғоибонаи факултаи ПиМНО-и ЛГПИ-и ба номи Кирови шаҳри Ленинобод (Хўҷанд)-ро бомуваффақият хатм намуданд.

Аз соли 1977 то соли 1982 дар мактаби деҳа ба сифати мудири қисми илмӣ фаъолият бурдааند. Соли 1991 бо қарори комиссияи аттестатсионии шўъбаи таълими халқии ноҳияи Бўка хизматҳои шоистаи устод Неъматовро дар соҳаи таълиму тарбия ба инобат гирифта ба он кас унвони омўзгори тоифаи якум доданд.

Хуллас, чунин шахсон чун устод Н.Неъматов асло наميميранд. Ў дар хотири неки ҳамдиёрон зиндагӣ хоҳанд кард. Рўҳи ў шоду манзилаш обод бод, мегўянд ҳамдиёрон.

Анварбек САНГИНОВ, омўзгори мактаби № 9-уми ноҳияи Бўка.

Навгониҳои Ҳиндустон

«Дурдонаҳо аз нигораҳои осорхонаи Нуқус»

Таҳти ҳамин унвон дар Намоишгоҳи марказии Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ўзбекистон намоишгоҳ кушода шуд, ки то 11 май давом мекунад. Дар он 189 асари бадеӣ—86 тасвирӣ ва 103 амалӣ аз нигораҳои Осорхонаи давлатии санъати Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба номи И.Савитский ба ҳукми тамошогарон пешкаш гардидааст. Бисёрии онҳо бори аввал ба намоиш гузошта шудааند ва онро ҳамчун нахустнамоиши ҷаҳонӣ арзёбӣ кардан ҳам мумкин аст.

Намоишгоҳ бо саъю кўшиши муштараки Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ўзбекистон, ҷамъияти миллии илмии «Дўстони Осорхонаи Нуқус», намояндагии СММ дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурияти Ўзбекистон соли ҷорӣ маротибаи чаҳорум дар Тошканд ташкил гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки дурдонаҳои Осорхонаи Нуқус борҳо дар намоишгоҳҳои байналхалқӣ намоиш дода баҳои баланд гирифтааند. Аз он ҷумла, аз онҳо тамошогарони сершумор дар намоишгоҳҳои Олмон—соли 1995, Фаронса—соли 1998, Итолиё—соли 2000 ва ИМА—соли 2003 баҳравар гардидааند.

Ҷашнвораи ҳунармандии мардумии «Ҷарқўрғон маҳаллалари»

Таҳти ҳамин шиор ҷашнвора дар пояи манорае кушода шуд, ки соли 1108 ҷад кашидааст. Ва он ба 895-солагии ин дурдонаи меъмории асри миёна манораи Ҷарқўрғон бахшида шуд, ки аз решаҳои амиқ соҳиб будани фарҳанги маҳалҳои «Қултеппа», «Минор» ва ғайра гувоҳӣ медиҳад, ки дар он асарҳои аз ҳама беҳтарини ҳунармандони мардумӣ ба ҳукми тамошогарон пешкаш гардидааند.

Ва тадбири мазкур бо кўмаки Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ўзбекистон гузаронда шуда, ба он ҷонишини ҳокими ноҳияи Ҷарқўрғон Раъно Галосова ғамхории пайваста зоҳир кардааст. Дар маросими мутантани кушоиши ҷашнвора ҳоким ва дигар роҳбарони ноҳия, намояндагони тамоми маҳаллаҳои водии Сурхон иштирок намуданд.

Иштирокдорони бевositаи воқеаи мазкур устодони Хонаи суратҳои Тошканд, аз он ҷумла Виктор Анг гардиданд, ки эҷодиёти вай дар хориҷ маълуму машҳур аст. Вай дар ҷашнвора силсилаи корҳоеро ба навор бардошт, ки дар вақтҳои наздик дар намоишгоҳҳои байналхалқии «Мадоннаи Минамат» (Ҷопон) ва «Минора» (Ўзбекистон) ба ҳукми тамошогарон пешкаш мегардад.

Сергей САВЧУК-ҚУРБОНОВ.

Ба қарибӣ ҳокимияти ноҳияи Сариосиё дар ду навбат байни хонандагони мактабҳо олимпиада гузаронд. Ба хотири ҳавасмандгардонӣ ба ҷои аввал 30, ҷои дуюм 20 ва ҷои сеюм 15 ҳазор сўм муқаррар гардид. Голибони озмун ҳар моҳ ин маблағро ба сифати идроропулӣ мегиранд. Васоитгарон ба ҳазинаи «Зиё» дар ҳаҷми 4 миллиону 300 ҳазор сўм маблағ гузаронданд, ки идроропулии муҳассилони ғолиб аз ҳамин ҳисоб пардохта хоҳад шуд.

Дар озмун беш аз 290 хонанда ширкат меварзад.

Дар акс:** директори мактаби рақами дуюм **Саъдулло Ҳакимов** ва муовини он **Меликӯл Шерматов** дар ҳалқаи шогирдони ғолиб **Фазилат Шарифова, Дилбар Тоҷиддинова, Хуршед Шералиев** ва **Максим Михайлин.

Намоиши қолинҳои Ўзбекистон дар Вашингтон

Дар ин рўзҳои баҳорӣ, сокинони пойтахти ИМА гувоҳ ба воқеае гардиданд, ки ба хотир афсонаи «Ҳазору як шаб»-ро меоварад. Нигораҳои нодири қолинҳои кўҳна ба ҳукми иштирокдорони Конфронси X байналхалқӣ оид ба қолинҳои Шарқ пешкаш гардид.

Қолини дастбоф як қисми муҳими дунёи қадимаи зебоии мамлакатҳо, аз қабили Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва мамолики Мовароуннаҳр мебошад. Ва ба онҳо дўстдорони санъат ва коллексионерон аз саросари ҷаҳон мароқи калон зоҳир мекунанд.

Дар доираи конфронси дар боло номбаргардида иҷлосияи академӣ бахшида ба қолинҳои Шарқ ба амал омада, дар он санъатшиносони ИМА, Канада, Россия, Ҷопон, Чин, Муғулистон, мамолики Аврупои Ғарбӣ, Осиёи Марказӣ иштирок намуданд. Дар бинои сафоратхонаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар ИМА нигораҳои маҳсулоти қолинбофӣ, ҳунарҳои зебо ва либосҳо таҳти унвони «Дурдонаҳои осорхонаҳои Ўзбекистон» намоиш дода шуданд. Онҳо аз 67 нигораи нодир иборат буданд, ки аз тарафи Осорхонаи давлатии санъати Ўзбекистон, Осорхонаи давлатии санъати Қароқалпоқистон ба номи Савитский, Осорхонаи давлатии таърихи фарҳанг ва санъати Самарқанд, Осорхонаи таърихи Фарҳангистони улуми Ўзбекистон пешкаш гардидааند.

Иштирокдорони конфронсро коллексияҳо аз Ўзбекистон на танҳо бо зебогиашон, балки усули қадимаи тайёркардаашон ҳам ба худ ҷалб сохт.

Намоишгоҳ нишон дод, ки халқи Ўзбекистон метавонад бо фарҳанги бузург ва мероси бои таърихӣ, анъанаоти худ, ки баъди ба даст омадани истиқлолият рушди минбаъдаи худро пайдо намуд, фахру ғурур намояд.

ОИ «Ҷаҳон».

Навигариҳои вилояти Намангон

НОРИН. Таҷрибаву комёбиҳои мутахассисони фирмаи «RWE SCHOTT Solaz Gmbh» Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар соҳаи гелиотехника аз тарафи мутахассисони ин соҳаи ҷаҳон эътироф гардидааст.

Дастгоҳҳои аз нури хуршед қувваи барқ ҳосилкунандаи фирмаи номбурда натанҳо дар Олмон, балки берун аз он васеъ истифода мешавад.

Чанде пеш вакилони фирмаи мазкур доктор Ҳанс Петерс, Шпастдер Гмелх меҳмони мамлакатамон, аз чумла вилояти Намангон буданд.Меҳмононро ҷонишини якуми ҳокими вилоят Й. Ҷўраев пазируфт. Сипас воҳўрии меҳмонон бо намояндагони васоитҳои ахбори вилоят баргузор гардид.

Баъд аз мулоқот меҳмонон ба сохтмони сохторҳои нури офтобро ба қувваи барқ табдилдиҳанда, ки дар деҳаи Тўдаи ноҳияи Норин пешбинӣ шудааст, шинос шуданд. Сохтори номбурда мувофиқи дастури «Ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон бо роҳи бехтаргадидани инфрасохтори деҳот бо иштироки тадбиргарони маҳаллӣ» ба амал бароварда мешавад. Меҳмонон дар деҳа манзилгоҳҳои ҷойгиркунии дастгоҳҳои аз нури офтоб барҳосилкунандаю васлшавандаро дида баромаданд.

Ҷонишини ҳокими вилоят Б. Ирисов мавриди сафар ба меҳмонон ҳамроҳӣ намуд.

◆◆◆

Поп. Ифтитоҳи шўъбаи ноҳиявии марказии илмии ёрии таъҷилии тиббии вилоят ба шодиёнаи умумихалқӣ табдил ёфт. Барои азнавсозии бинои сеошёнаи шўъбаи ёрии таъҷилии тиббии ноҳия беш аз 300 миллион сўм маблағ харҷ гардидааст.

Бинои зебоманзари хуштарҳи шўъбаро бинокорони гулдасти колоннаи сайёри механиконидашудаи байнихочагии рақами 131 - уми трести « Ҳиҷмоийқурулиш»- КСМ - и рақами 2 ҷамъияти саҳҳомии «Намангонсувқурулиш»» КСМ - и рақами якуми ҷамъияти саҳҳомии «Иртаъмирқурулиш» - и вилоят дар муддати кўтоҳ аз нав сохтаанд. Дар шўъбаи ёрии таъҷилии тиббӣ, ки дорои 60 кат аст, шўъбаҳои ҷарроҳӣ, шикастабандӣ, беморихои узвҳои дохилӣ, бачагон, ҷоннокардонӣ (реаниматсия) мавҷуданд.

Дар расми ботантанаи кушодашавии маскани нави шифо вазири ҳифзи сиҳати мардуми ҷумҳурӣ Ф. Назиров, ҳокими вилояти Намангон Т. Ҷабборов иштирок намуданд.

А. НУРИДДИНОВ.

Рўйдодҳои фарҳангӣ

Ҳафтаи филмҳои Урупо

Бори панҷум аст, ки дар Тошканд намоиши филмҳои Урупо баргузор мегардад ва имсол аз 9 то 16 май дувоздаҳ киштвар дар ҷашнвораи филмҳо ширкат менамояд.

Дар кинотеатри «Реал синема» филмҳои синамогарони Фаронса, Чехия, Лаҳистон, Русия, Белгия, Олмон, Латвия, Молдова, Ҳулланд, Шветсария ва аз номи Маъвои Урупо намоиш дода мешаванд.

Дар ин ҷашнвора филмҳои наву кўҳнаи ин кишварҳо манзури тамошобинони пойтахт мегардад. Асарҳои синамогарони Урупо ба забонҳои асл ва тарҷумаи русӣ намоиш дода мешаванд.

Дар арафаи рўзҳои кинои Урупо баъзе аз намояндагони ин кишварҳо филмҳои худро барои журналистон дар конфронси матбуотӣ муаррифӣ намуданд.

«Селектор»—ҳар шанбе

Дар тўли як соли оянда ҳар шоми шанбе дар мавҷи 101 ФМ-и радио дар муддати 2 соат (аз соати 18 то 20) алоқамандони мусиқии англис аз оҳангҳои мухталифи он баҳраманд метавонанд гарданд.

Бо унвони барномаи «Селектор» беҳтарин оҳангҳои англис барои шунавандагони радиои «Ўзбегим таронаси» тақдим мегардад. Чунин корро намояндагии Шўрои Британия дар Ўзбекистон ба ўҳда гирифтааст ва бино ба суханони сарпарасти намояндагӣ Невил Мак Бейн чунин тақдими мусиқӣ алҳол дар 36 мамлакати дигар низ анҷом дода мешавад.

Навъҳои мусиқии брекбит, бангра, фолка, фанка ва индӣ аз оҳангҳои пахшшаванда мебошанд.

Суннатҳо—дар аксҳо

Намоиши фотосуратҳову мўҳҳое, ки дар даргоҳи маҳфили занҳои ҳокимияти вилояти Тошканд «Содружество» ба амал омад, қабл аз ин дар Ҳиндустону Фаронса намоиш дода шудааند.

Онро, ки аз суратҳои В.Ковреин ва мўҳҳои Н.Ялишева иборат буданд, сафорати Русия ва намояндагии «Росзарубежсентр» созмон доданд.

Намоиши суратҳоро «Ўзбекистон: анъанаҳо, суннатҳо ва меъморӣ» унвон намудааند, ки воқиан ҳамин рўҳу тасвир дар ин аксҳо баръало маълум буданд. Ва аксҳо ҳам дар маҳалҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба навор гирифта шудааند, ки фарҳангу суннатҳои гуногуни ин маконҳоро ҷило додааند.

Т.ХОВАРӢ.

«Умид ниҳоллари — 2003»

Маркази матбуот кушода шуд

Дар Урганҷ маркази матбуоти марҳалаи финалии бозиҳои ҷумҳурии мактабхонон таҳти унвони «Умид ниҳоллари» дари худро боз намуд, ки аз 14 то 21 маи соли кунун дар Хоразм ба амал меоянд. Марказ бо телефони сершабака, алоқаи факсималӣ ва модемӣ таъмин буда, бо компютер, техникаи нусхабардорӣ ва ғайра муҷаҳҳаз аст. Паёмнигорон аз ин ҷо метавонанд маълумоти оҷилиро дар бораи мусобиқаи аз ҳама оммавии варзишгарони ҷавони ҷумҳурӣ сари вақт ба ҷои даркорӣ ирсол намоянд.

— Он чиз дар назар дошта шудааст, ки дар бобати равшан кардани марҳалаи финалии мусобиқаҳои «Умид ниҳоллари —2003» намояндаи қариб сад воситаи ахбори оммавӣ иштирок мекунад, - мегўяд сарвари маркази матбуот, раиси Палатаи молофарандагон ва тадбиргарони вилояти Хоразм Бахтиёр Менглиев. — Ҳар кадоми онҳо рафти мусобиқаҳоро аз рўи 12 намуди варзиш аз 17 варзишгоҳи дилхоҳи Хоразм равшан карда метавонанд. Маҳз дар маркази матбуот, тамоми иттилоот ҷамъу аз нав кор карда мешавад, ки аз хусуси тамоми воқеаҳо дар рафти мусобиқаҳо тасаввуроти пурраву возеҳро медиҳанд.

Т. ШАМАКОВ, мухбири ЎзА.

Шумораи ояндаи рўзнома 14 май чоп мешавад.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР: Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдикулов.

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рўзнома дар компютерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 397
Теъдоди чоп 2000. 1 2 3 4 5 6

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шўъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **Т. ОЛИМБОЕВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. ТУХТАЕВА.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шўъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.